Бани одам аъзои якдигаранд!

Овози тоҷик

آواز تاجیک

Рӯзнома аз соли 1924 мебарояд

Номҳои пешинаи рӯзнома: «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (солҳои 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991).

РӮЗНОМАИ ОЛИЙ МАҶЛИС ВА ДЕВОНИ ВАЗИРОНИ ҶУМҲУРИЯТИ ӮЗБЕКИСТОН

22 январи соли 2003. Чоршанбе № 6 (12849)

Дар фурӯш нархи озод. Рӯзнома соати 16.00 имзо гардид.

Ҷамъбасти сол

Маҷлиси Маҷмӯи сохтмон, саноати масолеҳи бинокорӣ, хоҷагии манзиливу коммуналӣ ва нақлиёти Девони Вазирон таҳти сарпарастии ҷонишини аввали Нахуствазири Ҷумҳурияти Ӯзбекистон Козим Тӯлаганов ба амал омада, иштирокдорони он—сарварони вазорату кумитаҳо, ширкатҳо, ассотсиатсияҳову ташкилотҳои дахлдор, ҷонишини Раиси Шӯрои Вазирони Ҷумҳурияти Қароқалпоқистон, ҳокимони вилоятҳо ва шаҳри Тошканд натиҷаи тараққиёти иҷтимоиву иқтисодӣ ва рафти ба рӯи об баровардани ислоҳотро дар соли 2002 мавриди баррасӣ қарор доданд.

Дар бадали соли сипаришуда дар ҷумҳурият 1,442 миллиард сӯм маблағгузории асосӣ азхуд гардид. Суръати пешрафт 103,6 фоизро ташкил дод. Дар соҳа амволдорони ҳақиқӣ ба вуҷуд оварда мешаванд. Фирмаҳои хусусӣ, иқтидорҳои истеҳсолии инфиродӣ ба вуҷуд оварда шуда, барои доманадор гардидани сохтмон нақши калоне мебозанд. Ҳиссаи соҳибкории хурду миёна нисбати корҳои бунёдкорӣ афзудааст. Саҳми он дар сохтмони асосӣ 40,8 фоизро ташкил дод. Ва он нисбати натиҷаҳои соли 2001-ум 2,5 маротиба зиёд мебошад.

Нақшаи маҳаллигардонии истеҳсолот ба 73,5 фоиз ба иҷро расида, 120 бинои коллеҷи касбу ҳунар ва ҳафт литсеи академӣ ба истифода супурда шуданд. Суръати афзоиши истеҳсоли масолеҳи бинокорӣ 159 фоизро ташкил дод.

Баробари ҳарф задан дар хусуси бартараф кардани муаммоҳову камбудиҳо масъалаҳои алоқаманди рафти ислоҳот дар сохтмони асосӣ, хоҷагии манзиливу коммуналӣ ва нақлиётӣ мавриди баррасӣ қарор гирифта, вазифаҳои муҳиме ба забон гирифта шуданд, ки мебояд соли 2003 ба иҷро расонда шаванд.

◆◆◆

Таҳти сарпарастии ҷонишини аввали Нахуствазири Ҷумҳурияти Ӯзбекистон Козим Тӯлаганов маҷлиси Маҷмӯи сӯзишвориву энергетикии Девони Вазирон бахшида ба натиҷаҳои соли 2002 ба амал омад.

Зикр ёфт, ки дар маҷмӯъ корҳои муайяне оиди таҳким бахшидани мустақилияти сӯзишвории ҷумҳурият, амиқ гардондани ислоҳоти иқтисодӣ, баланд бардоштани босамарии истифодабарии иқтидорҳои истеҳсолии мавҷуда, вусъат додани ҷустуҷӯкунии конҳои захирахои маъданиву ашёи хом, ба истифода супурдани иқтидорҳои нав ба нав оиди истихроҷи углеводородҳо, ба рӯи об баровардани лоиҳаи сармоягузории пешбинигардида, маҳаллигардонии истеҳсоли маҳсулоти ивазкунандаи воридотӣ баробари истифода бурдани ашёи хоми маҳаллӣ ва таъмини иҷрои пешгӯиҳои нишондиҳандаҳои содиротии муайянгардида ба иҷро мерасанд.

Соли 2002 Маҷмӯи нодири газу кимёи Шӯртан ба истифода супурда шуд, ки истеҳсоли хокамайдаи полиэтиленӣ ва пардаи сунъиро истеҳсол мекунад, ки пештар аз хорича оварда мешуд. Таҷдиди ду блоки барқии нурхонаи Сирдарё ба анҷом расида, иқтидори онро баланд бардошта, сарфи сӯзишвориро кам намуд.

Баробари ин диққату эътибори асосӣ барои ислоҳи камбудиву муаммоҳо дар соли 2002 ҷой дошта оид ба мӯътадил таъмин намудани соҳаҳои иқтисодиёт ва аҳолии ҷумҳурият бо захирахои сӯзишвориву барқӣ, риоя намудани интизоми лимитӣ ва оқилонаву сарфакорона истифода бурдани гази табиӣ, маҳсулоти нафтӣ ва энергияи барқу алавӣ нигаронда шуд.

Аз рӯи масъалаҳои муҳокимагардида қарорҳои дахлдор қабул шуда, вазифаҳои аввалиндарача оид ба барҳам задани камбудиҳое муайян гардиданд, соли 2002 ба онҳо роҳ гузошта шуда буданд.

◆◆◆

Маҷлиси Маҷмӯи Девони Вазирон оид ба масъалаҳои алоқа ва технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ таҳти сарпарастии ҷонишини Нахуствазири Ҷумҳурияти Ӯзбекистон Абдулло Орипов бахшида ба натиҷаҳои рушди иҷтимоиву иқтисодии соҳа, арзёбии рафти ислоҳоти иқтисодӣ дар соли 2002 ба амал омад.

Зикр ёфт, ки истеҳсоли маҳсулот ва хизматрасонӣ аз рӯи натиҷаҳои соли 2002-юм 140 фоизро ташкил дод. Нисбати пешгӯӣ 120 фоиз бештар маблағгузории асосӣ азхуд гардид. Иҷрои нақшаи содиротии хизматрасонӣ ба 154,7 фоиз рост омад.

Донишгоҳи технологияи иттилоотии Тошканд созмон дода, миқдори ононе, ки дар Интернет сайти худро кушоданд ва теъдоди онҳое, ки аз хизмати Интернет истифода мебаранд, дар ҷумҳурият нисбати соли 2001 хеле афзуд.

Дар маҷлис ба сарварони корхонаҳои соҳаи алоқа ва бо иттилоотфарогирӣ супурда шуд, ки тадбирҳои зарурро оид ба бехдошти вазъи молиявӣ, таъмини иҷрои самтҳои мақсадноки рушди технологияҳои иттиллотиву коммуникатсионӣ ва ҷалб соҳтани сармояҳои хориҷӣ барои рушди минбаъдаи алоқаву технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ андешанд.

Дар маҷлис муаммоҳо ва камбудиҳои мавҷуда аз нигоҳи танқидӣ арзёбӣ ғардида, тадбирҳои барҳам задани онҳо муайян шуданд.

◆◆◆

Бахшида ба натиҷаҳои соли 2002 маҷлиси Маҷмӯи Девони Вазирон оид ба ҳифзи иҷтимоии оила, модарон ва кӯдакон ба амал омада, таҳти сарпарастии ҷонишини Нахуствазири ҷумҳурият Дилбар Ғуломова гузашт.

Мудири Котиботи маҷмӯи мазкур Т.Норбоева дар бораи рафти иҷрои қарори Девони Вазирон «Дар бораи тадбирҳои барномаҳои мақсаднок оиди ба рӯи об баровардани самтҳои устувори баланд бардоштани маданияти тиббӣ дар оила, таҳкими тандурустии занон, тавлид ва тарбияи авлоди солим», барномаҳои давлатии «Соғлом авлод» ва «Соли эъзози ҳуҳансолон» маърӯза намуд. Иттилооти сарварони вазорату идора ва ташкилотҳои дахлдор оиди таъмини манфиатҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, маънавӣ, аҳлоқии оила, ҳифзи ҳуқуқҳои модарон ва кӯдакон шунида шуд.

Дар маҳалҳо корҳо оид ба таҳкими оила ва омӯзиши сабабҳои ҷудошавӣ пурзӯр гардида, дар ин бобат нақши фаъолони маҳаллаҳо, ташкилотҳои занон ва мақомоти ҳифзи қонуну тартибот баланд гардида, 142 ҳазору 206 бонувон бо шуғли доимӣ таъмин гаштанд.

Тадбирҳо оид ба самтҳои устувори баланд бардоштани маданияти тиббии оила ва тарбияи авлоди солим ба рӯи об баромаданд. Дар маҳалҳо беш аз сесад пункти духтурии деҳот ва дар маҳаллаҳо беш аз ҳазор маҷмӯи варзишӣ сохта, ба истифода супурда шуданд. Барномаи давлатии «Авлоди солим» собиткадамона иҷро мегардад. Дар доираи Барномаи давлатии «Соли эъзози ҳуҳансолон» ба беш аз 35842 ҳуҳансол кӯмаки иҷтимоӣ расонда шуд. Барои беш аз ҳазор нафар ҳуҳансол ҳорсад сафар ба шаҳрҳои таърихӣ ташкил гардид.

Дар айни замон диққату эътибор ба барҳам задани камбудиву хатоҳо ва муаммоҳои мавҷуда нигаронда ба мутасаддиёни дахлдор фармоишҳои махсус дода шуданд.

(Аз рӯи маводҳои оҷонсиҳои иттилоотӣ мухтасар таҳия гардид).

Минбари сармуҳаррир

«Ангура хӯру боғбону боғаша пурс»

Маънои мақоли халқии «Ангура хӯру боғаша мапурс»-ро медонем ва барои чӣ истифода бурдани онро ҳам хуб дарк кардаем. Аммо дар замони кунун, вақте ки муносибатҳои иқтисоди бозаргонӣ амиқтар гардида, тамоми соҳаҳои хоҷагии халкро фаро гирифта, шаклҳои нав ба нави амволдорӣ ба вуҷуд омада, бомуваффақият арзи ҳастӣ мекунанд, лозим меояд ба ин мақол низ аз тарафи дигар муносибат карда, ба он мазмуни замонавӣ дода, «ҳафт маротиба чен карда, як бор бурем». Яъне чизи дилхоҳи аз бозор гирифтаамонро ҳаматарафа муоина карда, то чӣ андоза мувофиқ омаданашро дарк карда, истеъмол намоему пӯшем ва ё тӯҳфа кунем. Охир, дар замони кунун миқдори корхонаҳое афзудааст, ки танҳо ғами ҷайби худро хӯрда, маҳсулоти бадсифат истеҳсол мекунанду аз андозаҳои ягонаи давлатии дар байни мамолики ИДМ ҷоригардида фарсаҳҳо дур меваранду маҳсули дасташонро ба бозор мебароранд. Ва ин маҳсулот аксар вақт ғайриқонунӣ, аниқтар гӯем, «контрабанда» ба ҳудуди мамлакатҳои узви Иттиҳоди Давлатҳои Мушторакманофеъ, аз он ҷумла Ӯзбекистон ворид мегарданд. Ва ин ҳолат охири соли гузашта ва аввали соли кунун хеле пурзӯр гардида, алҳол ҳамчун дасисакории иқтисодӣ нисбати ҷумҳурияти мо арзёбӣ карда мешавад. Дар ин бора дар саҳифаҳои Интернет даҳҳо мақолаҳои таҳлилиро ҳондан мумкин аст, ки чӣ гуна будани вазъиятро тавзеҳ медиҳад. Аз ин хабарҳо маълум мегардад, ки аз бисёр мамлакатҳо мошинҳои боркаш бо бор ҳаракат мекунанду аксарияташон ба сарҳади давлатии мо наздик шуда, беному нишон мегарданд. Баъдтар маълум мегардад, ки борҳо маҳз дар мағозаҳои наздисарҳадӣ фурӯхта мешаванд. Азбаски сифаташон пасту ба андозаву меъёрҳои давлатӣ ҷавобгӯ нестанд, бо нарҳҳои арзон фурӯхта мешаванд. Ин қабил мағозаҳоро дар сарҳадҳои байни Қазоқистону Ӯзбекистон, Қирғизистону Ӯзбекистон бештар мушоҳида кардан мумкин аст. Азбаски сарҳадҳоямон бо «девори чинӣ» фаро гирифта нашудаанд, хоҳу нохоҳ ин молҳои бадсифат ба бозорҳои дохилаи Ӯзбекистон роҳ пеш мегиранду шаҳрвандони моро захролуд месозанд. Ана бигирем, машруботи спиртиро. Дар хабари Интернет чунин зикр ёфтааст:«Вақтҳои охир аз ҳудуди Қазоқистон ба Ӯзбекистон винову маҳсулоти спиртие ворид мегардад, ки бо этикеткаҳои зебову назаррабо оро дода шудааанду аммо сифаташон ниҳоят паст мебошад. Онро шаҳрвандони Ӯзбекистон азбаски арзон аст, бештар истеъмол мекунанду оқибат миқдори онҳое аз ин маҳсулот захролуд мегарданду ба муассисаҳои табобатии Ӯзбекистон барои шифо меоянд, рӯз то рӯз меафзояд. Ачибаш ҳамин аст, ки дар байни аҳолии Ӯзбекистон одамонеро ҳам пайдо кардан мумкин аст, ки ба ин гуна маҳсулот доштани сифати баландро мансуб дониста, бештар ғами ҷайби худро меҳӯранд. Вале онҳо ба ин маълумот чӣ мегуфта бошанд: аз рӯи хабари умури сарсанитариву эпидемиологии Вазорати тандурустии Ӯзбекистон маълум мегардад, ки ҳар рӯз ба ҳисоби миёна дар шаҳри Тошканду вилояти Тошканд 60-65 нафар аз сабаби захролуд гардидан аз машруботи бадсифат ба беморхонаҳо оварда мешаванд. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки 90 фоизи онҳо аз машруботе захролуд гардидааанд, ки дар ҳудуди Қазоқистон бо усулҳои ҳудсохт тайёр гардидааанду асосан аз оби водопровод, омехтаи равғани эфир ва дигар омехтаҳои захрогини кимёвӣ омода гардидааанд».

Аз хабари мазкур маълум мегардад, ки аз ҳудуди Қазоқистон ва Қирғизистон ба мамлакати мо бо роҳи ҷочоқ молҳои пастсифату ба саломатии инсон зараровар ворид мегарданд ва онҳоро асосан «тадбиргароне» ба рӯи об мебароранд, ки мақсади онҳо танҳо ҷамъ овардани сарвати зиёд мебошад.

Мо бо ин гуфтанӣ нестем, ки дар Қазоқистону Қирғизистон ва дигар давлатҳо корхонаҳои давлатӣ, ҷамъиятҳои саҳҳомӣ маҳсулоти пастсифат тайёр мекунанд. Масалан, дар Қазоқистон тамоми корхонаҳои арақкашӣ таҳти назорати қатъӣ гирифта шудааанду онҳо маҳсулоти аълосифат тайёр мекунанд. Ва инро муоинаҳои лабораторӣ ҳам собит кардааст. Агар мабодо маҳсулот ба андозаҳои давлатӣ ҷавобгӯ набошад дар ин сурат онҳо несту нобуд карда мешаванд. Сухан дар ин ҷо дар хусуси корхонаҳои хурд, манбаъҳои арақкашии хуфиёна меравад, ки аксар вақт оби водопроводро бо спирти техникӣ омехта, арақ тайёр мекунанду онро ба шишаҳои зебову этикеткаашон назаррабо мерезанд, ки аз ҷиҳати намуд аз маҳсулоти корхонаҳои давлатӣ ягон фарқе надоранд. Ва мақсад аз ин рафтор ба даст овардани сарвати зиёд аст.

Пас саволе ба миён меояд: агар вазъият ҳамин тавр бошад, ҷаро шаҳрвандони мо бо сӯми ба арақи ҷабин ёфтаашон ин гуна маҳсулотро харид мекунанд, ки барояшон зарар ҳотил аст. Бо ҳамин васила онҳо на танҳо ба ҳуду оилаашон, ҳаммаҳаллаву ҳамшаҳриашон, балки ҳамватаниашон ҳам зарар меоваранд. Қадри асъори миллиашонро, ки яке аз рамзҳои мустақилият аст, паст мезананд. Ва он ба ҳамин роҳи васеъро мекушояд, ки сӯми дар ҳудуди дигар мамлакату давлат гузошта барои иқтисодиёти мамлакати худ то чӣ андоза хавфнок аст. Охир, дар ҷаламрави Ӯзбекистон воситаи ягонаи пардохтӣ сӯм муқаррар гардидааст. Аз ин рӯ сӯми ба берун аз ҳудуди ҷумҳурият баромада, асосан барои хариди маҳсулоти стратегӣ, ашёи хоме сарф мегардад, ки онро мамлакатамон бар ивази асъори озодтаболул ба ҳудуди Ӯзбекистон меоварад. Масалан, гулулаҳои полиэтилен, пардаҳои сунъӣ, нурихои маъданӣ, нахи пахта, маҳсулоти нафтӣ ва ғайраву ҳоказо бо роҳҳои ғайриқонунӣ ба берун аз ҳудуди ҷумҳурият мераванд ва ҳамаи онҳо асосан бо сӯм ҳарид мегарданд. Ин як тарафи масъала. Паҳлӯи дигари он дар ҳамин мебошад, ки сӯм дар дасти баъзе ниқорталабон ҳамчун «диверсияи иқтисодӣ» истифода бурда мешавад.

Баробари баён кардани чунин нуктаҳо боз як саволи ҳаққонӣ ба миён меояд: барои раҳоӣ ёфтан аз ин ҳолатҳо ва пешгирӣ кардани чунин ҳодисаҳо чӣ бояд кард? Ҷавоби ин савол осон аст. Ҳамагон ва ҳар як кас бояд ба ҳуқуқҳои истеъмолгарон такя намоянд. Ва ҳар яки моро Қонуни Ҷумҳурияти Ӯзбекистон «Дар бораи ҳуқуқҳои истеъмолгарон» муҳофизат мекунад, ки 26 апрели соли 1996 аз тарафи парлумонамон қабул гардидааасту 5 апрели соли 2002 ба он баъзе тағйироту иловаҳо дохил гардидааанд. Ва ин қонун ба ҳамагон—чӣ бадавлату камбағал, чӣ марду зан як хел мутааллиқ мебошад. Зеро ҳамаи мо қатъӣ назар аз вазъу мавқеи ҷамъиятамон истеъмолгар мебошем. Ва агар ҳар кас ба нуктаҳои қонуни мазкур қатъиян риоя кунем, дар он сурат дар растаҳои савдо, бозорҳоямон ҳеҷ гоҳ маҳсулоти бадсифат, ба ҳаёту саломатии мардум ҳавфнок пайдо намегардад.

Охир қонуни мазкур ба истеъмолгар ҳуқуқҳои калонро додааст. Вай ҳини харид кардани маҳсулот ва ё баробари ворид гардидан ба дӯкон ҳуқуқ дорад пеш аз ҳама аз фурӯшанда талаб кунад, ки дар хусуси мол, хусусияту сифати он, тарзи фоидабарӣ, шартҳои истифодабарии он, кафолату мӯҳлати истифодааш маълумот бигирад. Баробари ин ба сертификати мувофиқати мол рӯ оварад, ки дар он тамоми маълумотҳо оид ба молофаранда, нарх, бехавфӣ иншо гардидааанд. Ҳамчунин истеъмолгар ҳуқуқ дорад, ки аз фурӯшанда маълумотро дар бораи молофаранда талаб карда гирад.

Баробари харид кардани мол истеъмолгар ҳуқуқ дорад аз фурӯшанда паттаи кассавӣ, квитансия ва дигар ҳуҷҷатро талаб намояд, ки дар он санаи фурӯш, арзиш ва мӯҳлати то ба кай истифода бурдани мол иншо гардида бошад. Ва он ҳуҷҷати асосӣ ҳини ҳаллу фасли баҳсу мунозира байни истеъмолгар ва фурӯшандагон мегардад.

Агар мол шиносномаи техникӣ дошта бошад, дар он сурат бояд ҳатман санаи фурӯши мол иншо гардида, ба он фурӯшанда имзо гузоштанаш ва бо мӯҳру штампи муассисаи савдо тасдиқ гардиданаш лозим аст. Мабодо ба шумо аз додани ин ҳуҷҷатҳо саркашӣ кунанд, дар он сурат аз харид кардани он ҳуддорӣ кунед. Чунки ин мол ё бадсифат аст, ё мӯҳлати истифодааш гузашта рафтааст ва ё дигар сабаб дорад. Дар соҳаи хизматрасонӣ ва ба иҷро расондани дигар корҳо ҳам талаб карда гирифтани ҳуҷҷат воситаи муҳим дар бобати ҳифзи ҳуқуқҳои истеъмолгар мебошад ва инро набояд фаромӯш кунем.

Агар мабодо даъвои шуморо муассисаи савдо, идораи хизматрасонӣ ба инобат нагирад, дар он сурат ба кӣ мурочиат кардан лозим меояд? Пеш аз ҳама мебояд ба Кумитаи давлатӣ оид ба аз инҳисорот баровардан ва рушди рақобат ва бахшҳои он дар маҳалҳо, мақомоти ҳокимияту идораи давлатӣ дар маҳалҳо, ки бо сохторҳои ин кумита дар алоқаи хуб мебошанд, мурочиат кардан мумкин аст. Дар айни замон ба ҷамъиятҳои ҳифзи ҳуқуқҳои истеъмолгарон мурочиат кардан лозим меояд, ки алҳол шабакаҳои он дар 7660 маҳалла, 755 ширкати манзилӣ, пунктҳои такягоҳиамон дар 333 бозор, дар 210 ноҳияву шаҳр созмон ёфтаанд. Дар айни замон иттиҳодияҳои ҳифзи ҳуқуқҳои истеъмолгарон дар Ҷумҳурияти Қароқалпоқистон, тамоми вилоятҳо ва шаҳри Тошканд ташкил гардидаанд. Федератсияи ҷамъиятҳои ҳифзи ҳуқуқҳои истеъмолгарони Ӯзбекистон низ созмон ёфтааст, ки ҳамаи онҳо ташкилотҳои ғайридавлатӣ мебошанду иқдоми аввал дар бобати ба рӯи об баровардани қарори Девони Вазирони Ҷумҳурияти Ӯзбекистон «Дар бораи тадбирҳо оиди вусъат додани иштироки аҳли ҷамъият дар ҳифзи ҳуқуқҳои истеъмолгарон» ҳастанд. Ва ин қабил ташкилотҳо дар бобати таъмини ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои истеъмолгарон, пурзӯр кардани назорати ҷамъиятӣ аз болои роҳ нагузоштан дар бозори истеъмолӣ ба фурӯши молҳои пастсифат, молҳое, ки ба саломатӣ ва ҳаёти одамон ҳавф доранд, пурзӯр кардани корҳо аз рӯи баланд бардоштани маданияти ҳуқуқиву истеъмолии аҳолӣ нақши муҳиме мебозанд.

Истеъмолгар ба суд ҳам мурочиат кардаанаш мумкин аст. Даъвоҳо ба маҳалле пешкаш карда мешавад, ки дар он ҷо ҷавобгар, истеъмолгар ва ё ҷои зараррасонда ҷойгир гаштаанд. Ва ин аризаи даъво аз додани боҷ озод карда мешаваду баҳри манфиати истеъмолгарон хизмат мекунад.

Алқисса, алҳол манфиати истеъмолгар дар мадди аввал гузошта шудааст ва кулли тадбирҳо андешида мешаванд, то ки вай аз моли ҳушсифату ба ҳаёту саломатиаш зараррасонавар баҳра бигирад ва он талаб мекунад, тамоми молҳо ба ҳудуди ҷумҳурият мувофиқи қонуну қоидаҳои байналхалқӣ ворид гарданд. Яъне бояд давлатӣ супурда, аз муоинаи ташкилотҳои дахлдор гузашта, баъд ба растаҳои бозорҳо, дӯконҳои савдо роҳ пеш гиранд. Яъне «Ангура хӯру боғбону боғашро пурс» шиори умдатарини имрӯза шудааст. Агар ҳамин тавр накунем, дар он сурат гарон афтоданаш муқаррар асту дар роҳи сохтани давлати демократиаи ҳуқуқбунёд ва ҷамъияти озоди адолатноки шаҳрвандӣ монеаи ҷиддӣ гардиданаш муқаррар мебошад. Ва он ҳамин маъниро ифода мекунад, ки ватандӯстӣ зоҳир кунем, бештар маҳсулотеро харем, ки дар ҳудуди худи Ӯзбекистон офарида шудааст. Охир, дар мамлакатҳои Ғарб, Амрико маҳз ҳамин тавр аст. Чунки шаҳрвандони ин мамлакатҳо инсофро аз ҳама чиз воло мегузоранду медонанд, ки инсоф бошад, қуту барака ёр мегардад. Аз ин рӯ мо ҳам инсофро ба мадди аввал гузошта, ба тақдири мамлакату халқамон аз нигоҳи амри қалб, виҷдон муносибат кунем, дар он сурат пеши роҳи ҳар гуна каҷравиҳоро баста метавонем, маъвоямонро орому осоишта ва бехавф медорем.

Соли маҳаллаи обод

Вазифаҳои муҳими сол

Дар ҳокимияти вилояти Бухоро маҷлис бахшида ба иҷрои корҳое ба амал омад, ки мебояд дар Соли маҳаллаи обод ба рӯи об баровардa шаванд. Ҳамчунин сухан дар бораи аҳамияти тадбирҳои маънавиву маърифатӣ дар ин самт рафт.

Маҷлис таҳти сарпарастии ҳокими вилояти Бухоро С.Ҳусенов гузашт.

Маҳалла манбаи маънавият ва тарбия аст. Дар бобати таъмини ҳаёти осоиштаи сокинон ва тарбияи авлоди навраси ҳамаҷониба баркамол фаъолони маҳалла нақши калоне мебозанд. Дар он маҳаллае, ки оқсақолон, аъзоёни ҷамъомади шаҳрвандони маҳаллаҳо, кумитаҳои занон якҷоя фаъолият пеш мебаранд, муаммои дилхоҳ ба тезӣ ҳаллу фасли ҳудро меёбад.

Вақтҳои охири сарфи маблағ ба тантанаҳои оилавӣ ва маросимҳо зиёд гардида, тамоюлоти дабдабабозӣ боло мегирад. Зарур аст ба ҷунин иллатҳо муборизаи беамон бурда шавад, зикр ёфт дар маҷлис.

Дар ин бора фикру мулоҳизаҳои хешро раиси Идораи мусалмонони Ӯзбекистон, муфтӣ Абдурашид Баҳромов, раиси Бунёди хайрати ҷумҳурии «Маҳалла» А.Гадоёбоев ва дигарон баён карданд.

Дар тадбир дар хусуси эҳтиром кардани арзишҳои милливу маънавӣ, зарурати пурзӯр кардани тадбирҳои тарбиявӣ ба мақсади пешгирӣ кардани қонуншиканиҳо ва ҷиноятҳо дар байни ҷавонон, роҳ нагузоштан ба даромадани онҳо ба зери таъсири маҷроҳои ифроткори динӣ ҳарф зада шуд.

Аз рӯи масъалаҳои муҳокимагардида таклифу тавсияҳои мушаххас дода шуданд.

Дар тадбир Мушовири давлатии Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон З.Ҳусниддинов, ҷонишинони Нахуствазир Д.Ғуломова, Ҳ.Кароматов иштирок намуданд.

(ӮзА).

Тақдири ҳосил имрӯз ҳаллу фасл мегардад

Галлакорони вилояти Тошканд имсол 480 ҳазор тонна ҳосил тайёр карда, 279,5 ҳазор тоннаи онро ба давлат супурданианд. 18,7 ҳазор тонна ғаллаи тухмӣ тайёр гардида, он ба 135 ҳазор гектар замин кошта шуданд ва алҳол нигоҳубини ғаллазор аз сабаби мусоид омадани обу ҳавои имсолаи зимистон бо суръату сифати баланд давом дорад.

—Барои он ки ҳосили фаровон ба даст ояд, мо аз аввали тирамоҳ зарбдорона меҳнат мекунем,—мегӯяд сарвари Раёсати кишоварзӣ ва хоҷагии оби ноҳияи Оҳангарон Шарофиддин Нурмуҳамедов.—Соли гузашта 31 ҳазор тонна ғалла тайёр кардем. Ҳосил сари вақт ҷамъ оварда шуд. Аз ин рӯ галлазорро сари вақт шудгор намуда, ба кишти навбатӣ ҳуб омода сохтем.

Галлакорони ноҳия имсол 35 ҳазор тонна ғалла тайёр карданианд. Аз ҳамин сабаб нигоҳубини ғаллазори 12654 гектар дар асоси талабҳои агротехникӣ пеш бурда мешавад. То ҳоли ҳозир ба хоҷагиҳо 1,5 ҳазор тонна нуриҳои маъданӣ расонда дода шудааст. Ба саҳроҳо 1,5 ҳазор тонна поруи маҳаллиро пошидаанд. Ҳангоми оғози обёрикунӣ ба ғаллазор 5 ҳазор тонна поруи маҳаллӣ бо усули шарбат ҷорӣ кунонда мешавад. Дар ин бобат фаъолияти хоҷагиҳои ширкатии «Оҳангарон», ба номи Собир Раҳимов, «Ангрен» намунаи ибрат мебошад.

Ба мақсади саривақт обёрӣ кардани ғаллазор ва дигар зироати кишоварӣ ҷӯю заҳбурҳо тоза карда, техникаи ҳосилғундор ҳушсифат аз тармим мебарояд. Дар ҷамъоварии ҳосил 30 комбайн иштирок мекунад. Панҷтои он комбайни баландмаҳсули ғаллаҷамъоварии «Кейс»-и Сарои мошину тракторҳои ноҳия мебошад.

Боз як далели муҳим. Дар каналҳои байнихоҷагӣ 524 асбоби ҳисобкунаки об гузошта шудааанд ва он барои пешгирӣ кардани норасоии об кӯмак мерасонад. Чунки то ҳол аз сабаби бебаркаш истифода бурдани он об намерасид.

Неъмат ДУШАЕВ,
мухбири ӮзА.

Таҳсили кадрҳо

Дар Фарҳангистони сохтмони давлативу ҷамъиятии назди Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон семинар-машғулиятҳои даҳрӯзаи ҷонишини Раиси Шӯрои Вазирони Ҷумҳурияти Қароқалпоқистон, ҷонишинони аввали ҳокимони вилоятҳо оид ба масъалаҳои кишоварзӣ, ҳокимони ноҳияҳои деҳот, сарварони вазорату идораҳое, ки ба соҳаи агросаноат мутаалликанд, давом дорад.

Семинари имсола аз пештараашон ба куллӣ фарқ мекунад. Зеро он аз машғулиятҳои амалӣ саршор аст. Чунин машғулиятҳо дар маркази озмоиш ва сертификаткунонии мошинҳову технологияҳои кишоварзӣ, Биржаи молу ашёи хоми ҷумҳурӣ, Маркази биржа-савдои музоядаи ҷумҳурият, дар чанд маҳаллаҳои пойтахт гузаштанд.

Машғулияти навбатии шунавандагон дар маскани истироҳатии «Чорвоқ» ба амал омад, ки бо ташаббуси Президенти Ӯзбекистон Ислом Каримов сохта шудааст. Маскани мазкур дар байни каторкӯҳҳои Тоҳтолу-Угом ва соҳили обанбори Чорвоқ ҷойгир шудааст, бо бархавой, хушманзарагӣ, меҳмонхонаҳои зебову назаррабо, ки бо маҳорати баланд қад кашидаанд, ба истироҳаткунандагон фароҳам овардани қулаиҳо-майдончаҳои варзишӣ, ҳавзаҳои шиновории тобистона ба бачагону калонсолон, тарабхона, бар, майдончаҳои иҷоравӣ ба шунавандагон таассуроти калоне боқӣ гузошт.

Олим НОРБЕКОВ,
мухбири ӮзА.

Маълумотномаи умда

Дар Маркази миллии матбуоти ҷумҳурӣ маросими муаррифии маълумотномаи «Воситаҳои ахбори оммавӣ ва паёмнигорони Ӯзбекистон» ба амал омад.

Маълумотномаро ба ҷоп маркази матбуот якҷоя бо Бунёди ҷамъиятиву сиёсии демократиконӣ ва ҷонибдории воситаҳои ахбори оммавии Ӯзбекистон дар асоси гранти Институти Ҷамъияти кушод омода сохтааст.

Дар китоб маълумотҳо аз хусуси қонунҳои Ҷумҳурияти Ӯзбекистон, ки мутааллиқи воситаҳои ахбори оммавӣ мебошанд, рӯзномаву маҷаллаҳо, оҷонсиҳои итилоотӣ, стансияҳои телевизиону радио, шабакаҳои радио, донишкадаҳое, ки кадрҳои паёмнигорӣ тайёр мекунанд, ташкилотҳои давлативу ғайридавлатӣ ва байналхалқии алоқаманди матбуот, ҳамчунин аз хусуси паёмнигорон ҷамъ оварда шудааанд.



Корҳои хайри бунёд

Бунёди «Нуроний» дар ноҳияи Ӯзбекистони вилояти Фарғона солҳои охир бисёр корҳои некро ба иҷро расонда, сару сарвари бисёр тадбиру ташаббусҳои муҳим гардид. Ҳоли ҳозир дар тасарруфи бунёд 23 гектар боғ, 8 гектар майдоне мебошад, ки дар он ҳар гуна зироати кишоварзӣ кишт мегардад. Корхонаи «Эҳсон-Инъом» ҳам дар ихтиёри он буда, аҳолиро бо макарон, нон ва дигар маҳсулоти ғаллагӣ таъмин мекунад.

—Созмон додани корхона ба осонӣ накӯчид,—мегӯяд сарвари «Эҳсон-Инъом» Инъом Мамадалиев.—Ба Яйпан, Фарғона ва Тошканд бисёр вақт равуо кардан лозим омад. Охири оқибат 4 миллиону 900 ҳазор сӯм вомро рӯёндем. Аз Тошканд асбобу ускунаи заруриро овардем. Натиҷа чашмдошт мегардад. Аз ҳама муҳимаш, маҳсули дасти коркунони корхона ба аҳолӣ мамнунӣ мебахшад.

Дар сурат: коргари корхонаи «Эҳсон-Инъом» **Нодира Фозилова**.

Матн ва сурати Мукимҷон ҚОДИРОВ (ӮзА).

Роҳҳати «Пахтакор» ба марҳалаи навбатӣ

18 январ дар Маскав мусобиқаи навбатии тимҳо-қаҳрамонҳои мамолики ИДМ аз рӯи футбол барои ба даст овардани Ҷоми Иттиҳод оид ба футбол оғоз ёфт. Қаҳрамони Ӯзбекистон «Пахтакор» дар гурӯҳи ҳуд ба ҳарбу зарб бо тимҳои «Шахтёр» (Донеск), «Каунас»-и Литва ва тими яккачини ҷавонони Озарбойҷон шурӯъ намуд.

Барои «Пахтакор» мусобиқаи аввал бо «Шахтёр» ҳалкунанда буд. Чунки кадом тим ғалаба ба даст оварад, ба марҳалаи навбатии роҳҳатро нақд мекард. Ва аз ӯҳдаи ин вазифа футболбозони ӯзбекистонӣ дар охири мусобиқа баромаданд. Марат Бикмаеви шонздаҳсола ва собиқадори тим Мирҷалол Қосимов дарвозаи рақибро ишғол намуданд.

19 январ бошад, пахтакорчиён ба вохӯрӣ бо тими яккачини ҷавонони Озарбойҷон бо таркиби дуюм баромаданд ва бозӣ якранг анҷом ёфт. Худи ҳамон рӯз вохӯрии «Шахтёр» ва «Каунас» якранг—1:1 анҷом ёфт. Аз ин рӯ қатъӣ назар аз вохӯрии охирин «Пахтакор» ба марҳалаи навбатӣ роҳҳат гирифт.

Вохӯрии «Пахтакор» ва «Каунас» барои муайян кардани ҷои якум дар гурӯҳ хизмат мекунад. Агар вохӯрӣ якранг анҷом ёбад, «Пахтакор» ҷои аввалро ишғол менамояд.

(Паёмнигори худамон).

Ҳеҷ кас ва ҳеҷ чиз фаромӯш намешавад

Тантанаи ҳақиқату адолати таърихӣ



Дар солҳои истиқлол дар бобати эҳёи арзишҳои миллӣ, эъзози хотираи симоҳои таърихии ноҳаҷ фаромӯшшуда, мубаддал сохтани қадамҳои азизу авлиёҳо ба зиёратгоҳҳои мӯътабар, аз нав зинда гардондани номи онҳое, ки ноҳаҷ бадном гардида буданд, алкисса барои қарор ёфтани адолати таърихӣ ва тантанаи ҳақиқат корҳои доманадор ба иҷро расиданд ва мерасанд.

Баъди тулӯъи Офтоби озодӣ баробари дигар арзишҳоямон ба қадршиносии ниёконамон низ диққату эътибори калон нигарондем. Маҷмӯи ёдгориҳои онҳоро бунёд кардем, мекунем, зиёратгоҳҳоро обод карда, ба халқамон баргардондем ва бармегардонем. Бо ташаббуси Президентамон ва ҷонибдории халқамон 9 майро—Рӯзи хотира ва қадр эълон намудем. Ба ҷои Қабри Сарбози номаълум Маҷмӯи ёдгории «Модари Мотамзада»-ро барпо кардем, китоби серҷилдаи «Хотира»-ро таълиф намуда, номи садҳо ҳамватанонамонро аз нав зинда гардондем. Абадӣ гардондани хотираи ҳамватанонамон давом дорад, ки дар солҳои ҳукмронии Россияи подшоҳӣ, салтанати Шӯроҳо барои озодӣ ва бахту саодати халқи хеш ҷони худро нисор кардаанд. Ва ба ин мақсад Маҷмӯи «Хотираи шаҳидон»-ро дар яке аз мавзеъҳои нооболи ноҳияи Юнусободи пойтахт қад кашондем.

1 маи соли 2001 эълон гардидани Фармони Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон «Дар бораи муқаррар кардани Рӯзи ёдоварии қурбониёни қатағон» давоми мантиқии корҳои хайре мебошад, ки таҳти сарпарастии роҳбари давлатамон ба рӯи ой мебароянд. Дар Фармони мазкур, ки аз ҷониби аҳли ҷамъият гарму ҷӯшон пазируфта шуд, аз он ҷумла чунин сатрҳо иншо гардидаанд:

«Таърих аз хотираи авлоди кунунӣ ва оянда он чизро сутуда наметавонад, ки дар давраи режими мустабид миллионҳо одамон аз ҳаёт маҳрум карда, бисёр оилаҳо хонавайрон гаштанд, бисёр фарзандон ятим монданд».

Оре, қаҳрамонии онҳо абадист ва онро ҳеҷ кас фаромӯш намекунад ва ба фаромӯш кардан ҳуқуқ ҳам надорад. Зеро онҳо барои бахту саодат, озодии халқ, кишвари хеш ҷони

худро нисор карданду рӯзҳои хушбахтонаеро, ки алҳол халқамон аз сар мегузаронад, орзу карда, онро абадан ҳамроҳи худ ба хок бурдаанд. Авлоди имрӯзи миннатдор бошад, корнамоиҳои онҳоро аз нав дар саҳифаи таърих зинда карда, ба ҷасориву диловарии онҳо аҳсант мехонад, барои давом додани кори некашон, мустаҳкам кардани истиқлолияти Ватан, аз сафи давлатҳои аз ҳама мутараққии ҷаҳон ҷои муносиб пайдо кардани Ӯзбекистон қувваву дониш ва ғайрати хеш дареғ намедоранд ва кошонаҳоеро барпо мекунанд, ки нишони миннатдории онҳо ба гузаштагони бузурги хеш мебошад.

Яке аз ин кошонаҳо Осорхонаи «Хотираи қурбониёни қатағон» аст, ки 31 августи соли гузашта дари худро боз намуда, ба миллионҳо одамони сайёра бори дигар гӯшрас намуд, ки онҳо ворисони авлоди қаҳрамоне мебошанд, ки

ё худ таассурот аз Осорхонаи «Хотираи шаҳидон»

ҳар як вақаб замини худро қадр мекунанду барои сар халондани кас, ба ин сарзамин роҳ намедиҳанд ва агар зарурат пайдо шавад, баҳри озодӣ, бахту саодати халқу Ватани хеш ҷонашонро нисор мекунанд.

Ва агар нигораҳои ин осорхонаро муоина кунед, филфавр сараввал ба чунин хулоса меоед: дар замони мустабид одамонро ба тоифаҳо ҷудо кардаанд, якеро одами худӣ, дигареро «душмани халқ» гуфта, давру даврон ронданд. Яъне шиори «тақсим намову ҳукумрон»-ро асоси фаъолият қарор дода, як халқи томро ба муқобили якдигар гузошта, як миллатро ба дигараш ҷанг андохта, ҳукмфармоӣ кардааанду он дар саҳифаҳои таърих ҳамчун «доғи сиёҳ» боқӣ мондаст ва ин саҳифаҳо ба шарофати истиқлол боз варақгардон гардида, ҳақиқати таърихӣ ошкор меёбад, адолати таърихӣ барқарор мегардад.

Боз як далел: ҳар яки моро то тулӯъи Офтоби Озодӣ чӣ дар мактабҳои миёнаву чӣ миёнаи махсусу олӣ гумроҳ карда, таълим дода будаанд, ки ҷадидон одамони ғояпарасти дигар, Абдулло Қодирӣ, Фитрат, Чӯлпон, Мунаввар Қорӣ барин садҳо равшанфикрон «душманони халқ» мебошанд. Дар асл бошад, маълум гардид, ки онҳо равшанфикрон, тарафдорони озодиву ободӣ, истиқлоли кишвари хеш,саросар маърифатнок гардондани халқи худ, аз қатори мамлакатҳои аз ҳама пешқадам ҷо пайдо кардани Ӯзбекистони азизашон будаанд.

Ҳангоми муоинаи нигораҳои Осорхона боз ба як чиз амин гардидам. Мо ҳам дар қатори дигарон ибораи «қурбониёни

қатағон»-ро дар доираи танг то ҳол дарк кардаем. Чунки то тамошои нигораҳои осорхона ба назари мо ҳамин тавр метофт, ки ибораи «қурбониёни қатағон» бештар ба зиёёни эҷодкори нимаи дуюми солҳои сиюм, фаразан, Чӯлпону Фитрат, Абдулло Қодирӣ ва Усмон Носир барин як қатор намояндагони адабиёту санъат истифода бурда шудааст. Онҳо ҳам ноҳаҷ қурбониёни қатағон гаштаанду чӣ қадар орзуву омолашон ҷомаи амал напӯшидаанд. Қисмати онҳо ҷочиаи онҳо, сабру матонаташон алҳол ибратпазир асту хотираашон дар дили халқамон сахт маъво пайдо кардаасту ёди онҳо бо ормони беҳад ба хотир оварда мешавад. Дар қатори онҳо ҳамчунин бисёр одамони гули сабади ҷумҳурият ҳам ноҳаҷ қатағон шудааанду аз ин рӯ мафҳуми «қурбониёни қатағон» дар асл мазмуни васеву амикро дорад.

Нигораҳои осорхонаро муоина карда, то чӣ андоза ҳаҷ будани суханони сарвари давлатамонро пай бурдем, ки гуфта буданд: «Агар сухан дар бораи қатағон, ҷабру ситам ва зулм равад, пеши назари ман беихтиёр симои оддии ӯзбеки заҳматкаш ҷилвагар мегардад, ки дар пояш ҷоруғ, дар бар якта, дар сар токӣ дошту онро бо миёнбанд маҳкам баста буду каландро ба китфаш партофта, ба ғайр аз меҳнат дигар чизро намедонисту одами оддиву беозор буд».

Оре, бисёр аз ин деҳқонони оддӣ, ки ба сиёсат алоқаманд набудаанд, аз даҳшат, азобу ҳуқубати ҷудоӣ аз Ватан, фарзанду пайвандон азоб кашиданд, дар маҳалҳои барояшон бегона ҷон нисор карданд, дар минтақаҳои аз маҳали истиқоматиашон дур маскани якумра пайдо карданд.

Аслан решаи мустамликадорӣ ва қатағон аз дуродур сар мешавад. Мо то ҳол гумонбар шуда будем, ки дар садаи Х1Х Ҳукумати Русияи подшоҳӣ ба кишвари мо ҳуҷум овардааст. Дар асл нигораҳо собит мекунанд, ки нақшаи забткорӣ ҳанӯз дар сари қудрат будани Пётри якум таҳия гардида будааст. Соли 1717 Пётри якум таҳти сарпарастии Бекович-Черкасский барои забт кардани хонигарии Хева экспедитсияи ҳарбиро иборат аз 3 ҳазор нафар аскар фиристода будааст. Танҳо ба туфайли фидокорӣ ва қаҳрамонии лашкари хони Хева Шерғозихон лашкари адӯ несту нобуд гардида, забт кардани Хева ба сад соли дигар ба таърих афтодааст.

Боз як далел: барои забт кардани кишвари Осиёи Миёна, минҷумла Ӯзбекистон, пеш аз ҳама суст гардидани алоқа дар байни мамлакатҳое, ки дар қад-қади Роҳи бузурги абрешим маскан доштанд, аз чиҳати технологияи Ғарб қафо мондани ин кишвар, мавҷуд набудани якдилӣ, мутаассибии одамон, муросо кардан бо вазъият, яъне қафомонӣ, ба осонӣ ва тез забт ёфтани кишвар сабабгор буд. Дар ин бобат бештар шахсоне айбдор буданд, ки дар сари қудрат нишастаанд. Онҳо танҳо ғаму худу шиками худро меҳӯрданд. Вале халқ ба он розӣ набуд. Дар охири садаи Х1Х ва аввали садаи ХХ ҷунбиши милливу озодихоҳии халқ авҷ гирифта, он аз тарафи истилогарон ва гумаштагони маҳаллии онҳо бераҳмона пахш гардидааанд. Дар давраи салтанати Шӯроҳо ҳам ин мубориза авҷ гирифту бо созмон ёфтани мухторияти Туркистон анҷом ёфт. Вале боз як гурӯҳ мансабталошон ба сари он расиданду инону ихтиёри ҳукмроniро ба дасти болшевикон вогузоштанд.

Қатағон дар давраи мустамликадорӣ ва истибдод, дар замони Шӯроҳо асоси сиёсати зид бар инсоniят, зӯру зӯроварӣ, тазйиқу тарсондан буд. Ва он бар зидди тамоми халқамон, миллатамон нигаронда шуд. Кӯшунҳои Русия ҳангоми забти Тошканд чандин ҳазор одамонро аз шамшер гузаронданду оби чашмони модарон ва бачагонро ҷун дарё ҷорӣ кунонданд. Ё худ соли 1916 исёни Чиззах бераҳмона пахш карда шуда, ҳуни одамони бегуноҳе бисёр рехта шуд. Ва баъд давраи қатағон сар шуд. Инсонҳои асил, тадбиргар, донову зукко бо баҳонаи «душмани халқ» дар бадарғаҳои Сибир, дигар маҳалҳо беному нишон нест карда шуданд. Дар салтанати шӯроҳо бадномсозии бешафқатона муттасил давом кардааст. Бо баҳонаи коллективонӣ чандин ҳазор нафар деҳқон, тадбиргар ба сифати кулак бадарға гардиданд. Гули сари сабади зиёёни мамлакат несту нобуд карда шуданд. Баъд ҳабскуниҳо бо номҳои сохтаи «кори пахта», «кори ӯзбек» оғоз ёфт.

Нигораҳои осорхона, ки аз ашёу далел, ҳуҷҷатҳо, суратҳо иборат аст, марҳалаи қатағоншавиро аз асри Х1Х то ҳоли ҳозир дар бар гирифтаанд. Алалхусус аз хусуси ҳукмронии болшевикон дар мухторияти Туркистон, шахспарастии Сталин ва таъсири он ба ҳаёти мардумамон бисёр маводҳо ҷамъ оварда шудаанд. Якчанд ҳуҷҷат аз он гувоҳӣ медиҳад, ки болшевикон чӣ тавр диёрамонро толону тороҷ намудаанд. Тасвири харобаҳои Кӯқанд, қурбон гардидани беш аз даҳ ҳазор нафар шахси бегуноҳ тамошогарро бефарқ намегузорад.

Нигораҳои навбатӣ ба солҳои 30-40-ум бахшида шудаанд. Давраест, ки зӯриву зӯроварӣ авҷ гирифта, ба ин ҷараён беш аз 60 ҳазор деҳқонро ҳам ҷалб кардааст. Охир, чӣ қадар оилаҳои том ба Сибиру Украина бадарға шудаанд, ҳисоб надошт ва дар хусуси баъзеи онҳо дар ин ҷо маълумотҳо гирд оварда шудаанд. Баъзе анҷоми одамоне ҳам гузошта шудаст, ки дар қатори Фитрат, Чӯлпон, Файзулло Хӯҷаев, Абдулло Қодирӣ бадарға ва бе суд парронда шудаанд. Дар байни онҳо будани деҳқонони оддӣ ва хизматчиёни бегуноҳ ҳам касро ба фикр кардан водор месозад ва ҳатман барои донистани сабабҳои он водор месозад.

Сохти мустабид ва мафкураи коммунистӣ ҳам солҳои 80-ум башараи аслии худро намоиш дода, бо баҳонаи «кори пахта», «кори ӯзбек» бисёр одамони номдорро қатағон намуд. Дар осорхона аз хусуси 25 ҳазор нафар ин қурбони «десантчиён» маълумоти оморӣ ва ҳуҷҷатҳо мавҷуданд, ки 3 ҳазор нафари онҳо ҷазои мухталиф гирифта, ба ҳабсхонаҳо фиристода шудааанду баъзеяшон ба ноадолатӣ тоб наоварда, ҷонро супурдаанд.

Дар Осорхона аз хусуси корҳои доманадору муҳим ҳам бохабар гардидан мумкин аст, ки дар мамлакатамон дар солҳои истиқлол дар бобати эҳёи арзишҳои маънавиамон ба иҷро расонда шудаанд.

Ва онҳо моро пеш аз ҳама ба ҳушёрӣ, ҳушдорӣ даъват мекунанд. Ба чун гавҳараки чашм нигоҳ доштани истиқлол, боз ҳам мустаҳкам кардани он даъват месозад.

Имрӯзҳо ба Осорхона ҳурду калон меоянд. Дар байнашон фарзандону набера ва абераҳои шахсоне мебошанд, ки як замонҳо бадарға шудаанд, беному нишон гардиданд. Онҳо нигораҳои музейро бо диққат назора мекунанд, дар чашмонашон ашк ҳалқа мезанад, хотираҳои машъум дарди онҳоро нав мекунад, солҳои мудҳишро ба ёд меоварад, ки бароянашон модарон, хешу пайвандон нақл кардаанд. Онҳо шукрона мегӯянд, ки ба рӯзҳои бахту саодат расидааанду ҳақиқату адолати таърих тантана менамояд.

Таҳкиқ менамоянд, ки Осорхона беҳуда дар ин ҷо сохта нашудаасту ба таркиби Маҷмӯи ёдгории «Хотираи шаҳидон» шомил мебошад. Майдони 30 гектараи кунунии маҷмӯъ ба гуфти шоҳидон як вақтҳо маҳалли воҳиманок ва ҳисоб мерафт. Касе чӯрьат надошт, ки аз ин ҷо убур кунад. Зеро маҳалли тирбронкунии ҳазорон одамоне буд, ки бидуни кафану ҷаноза дафн шудааанд. Одамони занҷирбандро ба ҳамин ҷо асосан шабона меоварданд ва парронда, аз болояшон тавассути техника хок мекашиданду халос. Ва дар бораи онҳо танҳо маълумоти умумӣ буду халос. Баъди истиқлол онҳо кӣ будаанду барои чӣ парронда шудаанд, маълум гардид ва маводҳо аз нигораҳои Осорхонаи мазкур ҷо пайдо намудаанд.

Ана дар ҳамин маскан, аниқтараш ба гуфти шоҳидон дар се қатлгоҳи собиқи умумӣ Маҷмӯи ёдгории «Хотираи шаҳидон» қомат рост кард ва дар оянда зиёратгоҳ ва музеи он ба самти сайёҳӣ дохил гардида, низоми махсуси радиошунавонӣ ҷорӣ карда мешавад.

Дар ин ҷо бо Юсуф Амонови 76-сола сӯҳбат оростем. Вай гуфт, ки падарашро барои хондани асарҳои Абдулло Қодирӣ ду сол ба маҳбас фиристодааанд. Собиқадори меҳнат Георгий Анасов нақл мекунад, ки чӣ тавр тавассути булдозерҳо ба болои мурдаҳои бекафан хокро хобондааанд. Собиқадори меҳнат Маҳмуд Абдураҳимов чунин нақл мекунад:

—Падарам яке аз аъзои фаъоли ҳизби «Иттиҳоди миллӣ» буданд. Солҳои сиюм қатағон гардида, қурбон шуданд.—Дар осорхона расми падарамро дида, гӯё бо он кас ғоибона мулоқот кардам. Осорхонаи мазкур акнун ба аъзои оилаамон, фарзанду наберааҳоям як умр маскани азиз мегардад.

Нигораҳои осорхона зиёдтар мегарданд. Аксари онҳоро аз саросари ҷумҳурият одамоне оварда месупоранд, ки бобову падарашон қатағон шудааанд ва ё беному нишон гардидааанд. Ва маҷмӯи ёдгорӣ бо осорхонааш баробари хотираи симоҳои фидокоре, ки дар роҳи озодӣ ва хуррияти кишвар ҷони худро нисор кардаанд, хотираи тамоми ҳамватанонамонро, ки ба туфайли қабоҳати сохти мустамликадорӣ умрашон хазон гардидааст, ноҳаҷ ба ин зулм гирифтор шудаанд ва хотираи инсонони оддӣ, хотираи қурбониёни қатағон-тамоми ҳамватанонамонро дар худ таҷассум гардондааст.

Мо бо ҳамин васила чуноне ки сарвари давлатамон зикр намудааанд, «дар назди орзуву омоли амалӣ нагардидаи онҳо, дар назди пайвандон, хешу ақрабо, зурриёти онҳо, ки ҳамин қадар вақт гузашта бошад ҳам, захми дилашон шифо наёфтааст, оби дидаи чашмонашон хушк нагардидааст, бо дарду алами ана ҳамон маҳрумият умр ба сар мебаранд, дар назди Оллоҳ қарзи инсонии худро ба ҷо меоварем». Фаъолиятро дар ин бобат давом дода, маълумотҳои бисёреро ҷамъ меоварем ва аз паи он ҳастем, ки ба зиёратгоҳи мазкур он муҳити хосро муҳайё кунем, онро боз

ҳам ободу зебо гардонем. Дар ин ҷо шунавонидани мусиқии мумтозу халқӣ зарур мебошад, ки ба рӯҳи осорхона мувофиқат мекард. Дар айни замон мо қурбониёни қатағон гуфта, танҳо қурбониёни болшевизм ва ё КГБ-ро фаҳмиданамон фикри хато мебошад. Мо бояд онро ҳамчун қурбониёне арзёбӣ кунем, ки дар тӯли таърихи чандинҳазорсолаамон барои озодии Ватан ҷони худро нисор кардааанд. Дар ин бобат нигораҳои осорхона бештар мегардид, ба мақсад мувофиқ мебуд.

Осорхона дари худро боз намуд ва алҳол онро ҳазорон одамон дидан мекунанд. Вай бояд бо даргоҳи дорои аҳамияти калони маърифатӣ мубаддал гардад. Ба ин ҷо бештар авлоди наврасро оварда, аз ҳақиқати таърихӣ ва адолат огоҳ карданамон зарур аст. Дар он сурат онҳо бештар ба қадри озодӣ ва хуррият мерасанд. Яъне маскани мазкур ба яке аз даргоҳҳои тарбия мубаддал бояд гардад. Дар айни замон ба ҳар як санаду далел аз нигоҳи талаби истиқлол назар афканем, нуран аъло нур мегардид. Бо ҳамин васила дар назди хотираи халқамон, ки дар роҳи озодии худ қурбониёни бемисл додааст, дар муборизаҳои пурмашаққат саботу матонат зоҳир кардааст, чуноне ки сарвари давлатамон борҳо зикр намудааанд, ҳамеша сари таъзим фуруд меоварем.

Э.ТУРДИҚУЛОВ.

Дар суратҳо: 1. Маҷмӯи ёдгории «Хотираи шаҳидон». **2.** Намуди зоҳирии Осорхонаи «Хотираи қурбониёни қатағон». 3-5 Муоинаи нигораҳои нодири осорхона.

Аксбардор: Владимир ПОРТНОВ.

Гулчини ахбор

Омӯзгори беҳтарини сол

Аз 14 то 17 январи соли кунун дар Маркази таълими ҷумҳурӣ ба ном мусобиқаи ба худ хос байни омӯзгорони беҳтарини ҷумҳурият ба амал омада, дар он 14 беҳтарин омӯзгор аз Ҷумҳурияти Қароқалпоқистон, вилоятҳо ва шаҳри Тошканд иштирок намуданд, ки дар малҳалаи худии он ғолиб омада буданд. Онҳо дар мактабҳо дар соҳаи намунавӣ гузаронда, донишу малакаи хеш, технологияҳои навинро дар соҳаи мазкур намоиш доданд. Донишу қобилияти онҳо дар соҳаҳои сиёсат, ҳуқуқ, техника ва технологияи замонавӣ, равоншиносӣ санҷида шуданду ба он ҳакамоти баобрӯ аз ҷумлаи одамони номдор, пешқадамони соҳаи мазкур баҳо доданд. Махсусан ба масъалаҳои технологияҳои замонавии таълим ва сабақҳои компутерӣ диққату эътибори махсус нигаронда шуд.

Ирода Ҳамидова тамоми шартҳои озмунро бекаму кос ба ҷо овард ва омӯзгори беҳтарини ҷумҳурият дар соли 2002 дониста шуд. Вай муаллимаи синфҳои ибтидоии мактаби рақами 121-уми ноҳияи Мирзо Улуғбеки шаҳри Тошканд мебошад.

Ташкилоти навбатии ҷамъиятӣ

Дар мамлакатамон барои назорат кардани фаъолияти мақомоти ҳокимияту идораи давлатӣ аз тарафи ҷамъият диққату эътибори калон дода мешавад. Нақш ва мақоми ташкилотҳои ғайридавлативу ҷамъиятӣ дар бобати ҳифзи ҳуқуқҳои шаҳрвандон пайваста баланд мегардад. Ба ин ҷамъияти ҳифзи ҳуқуқҳои истеъмолгарон мисоли равшан шуда метавонад, ки баъди эълон гардидани қарори Девони Вазирон «Дар бораи вусъат додани иштироки аҳли ҷамъият дар ҳифзи ҳуқуқҳои истеъмолгарон» аз чиҳати миқдор хеле афзуданд. Ҷунбиши умумихалқӣ оид ба вуҷуд овардани бахшу ҷамъиятҳо, ситодҳои такягоҳии ҳифозатгарони ҳуқуқҳои истеъмолгарон пурзӯр гардид. Дар вилоятҳо, шаҳри Тошканд ва Ҷумҳурияти Қароқалпоқистон иттиҳодияҳои ҳифзи ҳуқуқҳои истеъмолгарон созмон ёфтанд. Ва 288 нафар вакилони онҳо ба конфронси ҷумҳурии Федератсияи ҷамъиятҳои ҳифзи ҳуқуқҳои истеъмолгарон ҷамъ омаданд, ки дар Театри академии миллии драмаи ӯзбеки Тошканд ба амал омад. Онҳо ҳисоботи раиси Федератсияи ҷамъиятҳои ҳифзи ҳуқуқҳои истеъмолгарон Зӯҳро Сайдаминоваро шуниданд. Зикр ёфт, ки ҷамъиятҳои ҳифзи ҳуқуқҳои истеъмолгарон дар бобати иҷрои қонунҳо ва дар ҳаёт татбиқ гардондани онҳо нақши калон мебозанд, дар байни аҳолӣ корҳои зиёди тарғиботиву ташвиқотиро ба иҷро мерасонанд. Дар бадали ду соли охир ба истеъмолгарони ҳуқуқашон поймолгардида қариб сад миллион сӯмашон баргардонда шуд. Бунёди ҷонибдории рушди ҷунбиши ҷамъиятии ҳифзи ҳуқуқҳои истеъмолгарон созмон ёфт.

Дар конфронс Оинномаи Федератсияи ҷамъиятҳои ҳифзи ҳуқуқҳои истеъмолгарони Ӯзбекистон бо таҳрири нав қабул гардида, ба рӯи об баровардани вазифаҳои аввалиндараҷа ба забон гирифта шуданд. Зӯҳро Сайдаминова раиси Федератсияи ҷамъиятҳои ҳифзи ҳуқуқҳои истеъмолгарон интихоб гардид.

Намоишгоҳи суратҳо

31 январ дар Намоишгоҳи Марказии Фарҳангистони ҳунарҳои зебои Ӯзбекистон намоишгоҳи суратҳое ба амал мояд, ки дар бадали солҳои 1985- 1995 офарида шудааанд. Ҳарчанд қариб сад сурат ба ҳукми тамошогарон пешкаш гардад ҳам, дар байни онҳо будани асарҳои мусаввирони номдор, аз қабили Э. Исҳоқов, Ҷ.Умарбеков, М.Варданян ва дигарон бешак боиси майлу шавқи калони тамошогарон мегардад. Дар доир гардидани намоишгоҳ Маъмурияти намоишгоҳи асарҳои бадеӣ, галереяи Бонки Миллӣ, ҳамчунин шахсони инфиродӣ ҳам саҳм мегиранд.

Гирдиҳамоӣ алайҳи СПИД

Баробари тараққиёт ва босурьат пеш рафтани (соҳаҳои гуногун) ҷомеаи ҷаҳонӣ боз бо бисёр иллатҳои манфури вахшатӣ ва ҳатто марговар рӯёрӯ мешавад, ки тақозо менамояд азалии мамолики мутараққии ҷаҳон баҳри халосӣ аз ин гуна маризиҳо муборизаи барад. СПИД, яъне нокисии аломатҳои сироятнопазири захирашуда дар организм рӯз то рӯз дар кураи олам меафзояд, ки ҳамаро ба ташвиш андохтааст. Алҳол дар дунё 65 миллион нафар ба он касалӣ дучор шуда 25 миллион кас аз ин дарди ҷонкоҳ ба марг расидааст.

Мисли дигар созмону ташкилотҳои байналхалқӣ дар ҷумҳурии мо низ тадбирҳо ва чораҳо барои пешгирӣ намудан ва зуҳур накардани ин маризӣ дида мешавад. Аз ҷумла дар шаҳри Навоӣ ба қарибӣ гирдиҳамоии калон барпо шуд, ки намоишчиён аксаран ҷавонон буданд. Онҳо бо расму плакатҳо ва шиору тасвироти рангин, ки навиштаҷотҳо одамонро алайҳи СПИД даъват мекард, иштирок намуданд. Дар охири намоиши мазкур аз тарафи ташаббускорон пойгаи марафонӣ гузаронида шуд.

Аз тариқи Созмони милали муттаҳид эълон шудааст,ки дар ҷандин кишвари Африқо (Мозамбик, Ливия, Ҷумҳурии Африқои Ҷанубӣ ва дигар) ин маризии ҳалокатбор чун балои ногаҳонӣ таҳдид мекунад. Ва то соли 2010 дар кишвари Африқо 42 миллион кӯдак ятим хоҳад монд. Агар ҳол чунин давом ёбад то соли 2010 дар Осиё низ касалӣ зуҳур карданаш мумкин аст. Маълум аст, ки барои табобати он доруи гаронбаҳо зарурат дорад. Ва худ аз худ маълум аст, ки ин чиз ба иқтисодиёти ҷаҳон таъсири калон мерасонад. Имрӯз аз ин корҳо дида муҳим он аст, ки корҳои огоҳсозии мардум аз ин дарди ҳалокатбор беш аз пеш бурда шавад. Намоиши зидди СПИД, ки дар шаҳри Навоӣ баргузор гардид, бештар ҳамин вазифаро иҷро мекард.

Лизинг ба деҳқон муфид

Деҳқон, оне, ки ба замин донаи умед мепошад, умре аракӣ ҷабин рехта ҳосил аз он мебардорад, маҳсули ранҷу заҳмати ӯ ризқу рӯзии мост. Дар мамлакат вобаста ба қарору фармонҳои оид ба ҳоҷагии қишлоқ қабул гардида, имконоту ғамхорӣ ба деҳқон хусусан фермерон афзуд. Махсусан ба таври лизинг додани трактору мошинҳои барои кишт зарурӣ муддаои дили деҳқонон, соҳибони замин шуд.

Дар ҷамъомаде, ки дар шаҳри Ҷиззах бо иштироки коркунони хоҷагии қишлоқ баргузор шуд, сухан дар боби лизинг, роҳҳои ба амал бештар тадбиқ намудани он ва баъзе мамониатҳои дар ин соҳа ба амал омада рафт. Маълум шуд, ки ҳоло 226 трактор ба хоҷагиҳои фермерӣ ба таври лизинг дода шудааст. Дар маҷлис ба мутасаддиён вазифаи сари вақт ва бе мамониат ба деҳқонон мувофиқи дархосташон додани техникаи ба кишт зарурӣ вогузошта шуд.

А.НАЗАРОВ,
(мухбири худамон).

Навгониҳои Тоҷикистон

Тайёрӣ ба ҷашн

Майдони аспдавонии шаҳри Душанбе бояд аз таъмири асосӣ барояд. Чуноне ки котиби матбуоти мири шаҳри Душанбе Шафқат Саидов хабар дод, ҳукумат дар доираи ҷашни 80-солагии Душанбе ба майдони аспдавонии шаҳр намуди замонавӣ бахшиданро ба нақша гирифтааст. Аз рӯи нақша майдони аспдавонӣ аз нав сохта мешавад ва дар он сурат дар як навбат ба 7 ҳазор нафар тамошогар хизмат мерасонад.

Дар атрофи майдони аспдавонӣ сохтани маркази тиҷорат, каҳвахона, тарабхона, меҳмонхона ва ҳавзи шиноварӣ ба нақша гирифта шудааст. «Мувофиқи лоиҳа, ки ҳукумати шаҳри Душанбе тасдиқ намудааст, таҷдид ба андозаҳои байналхалқӣ пурра мувофиқат мекунаду баъд ба ансамбли ба ҳуд хоси меъмории шаҳр созгорӣ пайдо менамояд»—гуфт Ш.Саидов.

Ба кӯмак омодааанд

Дар шаҳри Хуҷанд конфронси ҳисоботиву интихоботии Ассотсиатсияи тадбиргарони вилояти Суғд ба амал омад, ки беш аз 800 нафар аъзои худро дорад. Дар он масъалаҳои кооператсияи тадбиргарон ва роҳҳои рушди минбаъдаи соҳибкории хурду миёна мавриди баррасӣ қарор гирифтанд. Ҳоли ҳозир тадбиргарони хусусии вилоят 60 фоизи тамоми ҳаҷми маҳсулоти саноатиро тайёр мекунанд. Дар соҳаи кишоварзӣ 39 фоизи пахта ва 26 фоизи ғалла ба ҳиссаи хоҷагиҳои деҳқонӣ рост меояд.

Директори иҷрогари Ассотсиатсияи тадбиргарони вилоят М.Юсуфов аз рӯи натиҷаҳои фаъолияти сесолаи ин ташкилоти ҷамъиятӣ ҳисобот дод. Вай зикр намуд, ки ассотсиатсия аз ҳисоби аъзоёни ташкилоти бонуфуз мегардад.

Иштирокдорони конфронс ҳамчунин ба муаммоҳое истода гузаштанд, ки ҳаллу фасли онҳо ба рушди соҳибкории хурду миёнаи вилояти шимолии Тоҷикистон таъсири хуб мерасонад.

Аз он ҷумла, масъалаи андозситонӣ аз тадбиргарон, бо вом фаро гирондан ва беҳдошти низому хизматрасонии бонкӣ ба онҳо, роҳҳои бартараф кардани монеаҳои бюрократӣ, ки ба рушди тадбиргарӣ халал мерасонанд, муҳокима ёфтанд. Ба ҷуз ин зикр ёфт, ки дар барқарор кардани иқтисодиёти Афғонистон тадбиргарон ҳам нақши муҳим бозиданашон мумкин аст. Вале дар ин бобат иттилоотии саривақтӣ дастрас намегардад.

Ба тартиб афтод

Мири Истаравшан Ҷумъа Зокиров ба қарори махсус «Дар бораи арзиши хизматрасонии нақлиёти мусофиркашони дохилшаҳрӣ» имзо гузошт. Хуҷҷат сарварони корхонаҳои давлатии нақлиёти автомобилӣ ва ҷамъиятҳои саҳҳомии «Довуд» ва «Оли Сомон»-ро водор месозад, ки тадбирҳои қатъиро оиди таъмини ҳаракати нақлиёти мусофиркашон мувофиқи тарҳи нав андешанд. Акнун нақлиёти мусофиркашонии дохилшаҳрии Истаравшан, минҷумла автобусҳои хурд бояд аз рӯи маршрути халқавӣ ҳаракат кунанд. Арзиши қатъии мусофиркашонӣ муайян гардидааст. Хотиррасон мекунем, ки охири моҳи ноябр сарварони корхонаҳои номбурдаи давлатии нақлиёти автомобилӣ худсарона арзиши хизматрасониро баланд бардошта буданду он боиси арзу шикоят ва норозигии шаҳрвандон гардидааст.

Қариб даҳ килограмм

Дар сарҳади байни Тоҷикистону Афғонистон сарҳадбонони россиягӣ дар як шабонарӯз 4 сарҳадшикани сарҳади давлатиро дастгир намуда, қариб даҳ килограмм моддаи нашъамандиро мусодира карданд. Чуноне аз умури матбуоти қӯшунҳои сарҳадбони Россия дар Тоҷикистон хабар доданд, шабона дар қитъаи отряди сарҳадбони Маскав сарҳадбонон се сарҳадшиканро пешгирӣ карданд, ки аз тарафи Афғонистон ба Тоҷикистон убур мекарданд. Онҳо оташ кушоданд. Ҳангоми бархӯрд яке аз сарҳадшикан дастгир гардид, боқимонда роҳи гурезро пеш гирифтанд. Ҳини азназаргузаронии маҳалли бархӯрд халтае ёфт гардид, ки 7 килограмм моддаи нашъамандӣ ва 3 килограмм шабеҳи моддаи нашъамандиро дошт.

«Туркистон-пресс»—«Вароруд».

Акси садо

Обод кардан месазад

«Сухани фасеҳу расоям орзуст» (Абдулло Субҳон «Овози тоҷик» 27.X.2001) мақолаи ҳаётан муҳими рӯз аст. Фикру андешаҳои муаллиф рочеъ ба омӯзондани забон дилнишин ва пешниҳоду даъватҳояш лоиқи таҳсинанд. Моро сахт қавӣ буд пиндор, ки баррасӣ гардондани ин гуна як мақола боиси баҳсу мунозараҳои доманадор мегардад ва мутахассисон-омӯзгорони пуртаҷриба аз ибрози фикру мулоҳазаҳои муфиди хеш, баҳри манфаати умум, дар канор намемонанд. Дар мунозараву музокараҳо байни мо, омӯзгорон, ки ба муносибати чопи мақола ва масоили дар он дарҷӣфта ахӣнан барпо мегаштанд, ҳампешагон перомуни он сухану андешаҳои муҳталиф баён менамуданд. Яке моҳияти масъаларо амиқ дарк карда, даъватҳоро дастгирӣ намояд, дуюмӣ дар мулоҳазаронӣҳояш муносибати эҳтиёткоронаро афзал медонист, сеюмӣ бошад, чунин аз «қолаббароиҳо»-ро ошкоро намеписандид.

Албатта, сипосгузорем, ки мақолаҳои М.Шодиев, Н.Остонзода, Х.Умруллоев, Ӯ.Раҳмонов ва М. Умаровҳо ҳамчун акси садо чоп гардиданд. Ҳар яке аз муаллифони номбурда, ҳамчун дилсӯзони миллату забон, нисбати мақола изҳори ақида намуда фикру андешаҳои ҷолиби диққат гуфтаанд. Аммо, агар хато накунам, дар байни ин муаллифон танҳо як нафар, Х.Умруллоев бевосита бо кори омӯзгорӣ машғуланду халос. Пайдост, ки «Сухани фасеҳу расоям орзуст» самараи шавқу ҳаваси мақоланависии муаллиф набуда, барои дилхушӣ навишта нашудааст. Нигоранда он костиҳову нуқсонҳое, ки солҳои сол дар забономӯзиву забондонии мо вучуд доштанд, дардмандона ҳис мекунад. Ӯ бочӯрьатона эътироф менамояд, ки сатҳи забондонии мо паст аст ва яке аз сабабҳои асосии ба вучуд омадани чунин ҳолатро дар норасову номукаммал будани усули таълими забон мебинад. Ва ҳамчун як зиёии тоҷик ба хубӣ дарк намудааст, ки таълими забони тоҷикӣ дар асоси сарфу наҳви (грамматикаи) русиасос самарабахш нест, усули таълими забонро ҳатман бояд тағйир дод. Na фақат муаллифи мақола, балки як гурӯҳ равшанзамирон, аз ҷумлаи олимон (А.Тоҳириён, «Дилам бар Рӯдакӣ сӯзад...», «Дар ҷаҳон болу пари хеш кушудан омӯз»), рӯзноманигорон (М.Шодиев), муштариёни рӯзнома (Ӯ.Раҳмонов) «Ҳифзи забон—ҳифзи рӯзнома») аз вазъи забони мо ба ташвиш омадааанд. Ин зумра ба вазъияти забондонии мо аз қуллаи забондонии бобоён назар меандозанд ва нек мушоҳида мекунанд, ки он, фарохиву равонӣ, он фасоҳату салосату балоғати дар боло буда дар поён, дар доман аз назар ғайб задааасту нопадид гаштааст. Ва моро даъват мекунанд: оед ин ҷо , ки ин манзил бехтару меҳтар аст. Лисони ин макон мӯъҷазу равон, дилнишину хушбаён, забони ин манзил фасеҳу возеҳ, тарзи баёни ин ҷо серобурангу муқтадир. Албатта онҳо медонанд, ки як зумра адибон—шоиру нависандагон, забондонону адабиётдонон, рӯзноманигорону паёмнигрон дар он баландӣ буданду ҳастанд. Ва ҳар яке ба таври тавонист дар он ҷо хӯшачин аст. На танҳо хӯшачин, балки кишоварзи он мавзеъ низ гаштаааст. Аммо, гап дар сари он аст, ки эшон кулли тоҷикиро дар он баландӣ дидан мехоҳанд. Орзуманданд, ки чӣ донишомӯзу чӣ омӯзгор, чӣ деҳқону чӣ чӯпон дар он ҷо, ҳеҷ набошад, хӯшачинӣ кунанд; Аз ёдгориҳои пурарзишу дурдонаҳои ганҷонаҳои ниёкон бархурдор бошанд. Асарҳои мумтози классикони моро, ки нуктасанҷона дурри маъниӣ суфтааанд, мутолаа намуда, ба осонӣ онҳоро ҳазм карда тавонанд. Аз ин рӯ «...орзуст» гуфтану «рӯ овардан ба худӣ» гуфтанҳои муаллифи мақола мувофиқи талаби давру замон ва баҳри манфаати миллатамон мебошад. Зеро беҳтарин дастоварду пурарзиштарин армуғони истиқлолият ҳам аз ҳамин иборат аст: рӯ овардан ба худӣ. Аммо чӣ гуна равем ба он олами афсона:

Чаро ман «олами афсона» мегӯям?

Таваччӯҳ фармоед ба ҷумлаҳои зерин, ки мутаалликанд ба Ҳайдар Куркчӣ ном нависадаи тотор: «Каломи шуарои форсу тоҷикро, ки ба мисли уқёнус бекарон асту чун амвоҷи уқёнус муқтадир, ташбеҳ ба чӣ метавон кард? Охир фақат шабакаи номгӯи шуарои форсу тоҷик қодир аст рӯи осмонро фаро бигирад «(Ҳайдар Куркчӣ. «Байти масаррати заминӣ». «Садои Шарқ» рақами 10 1989). Агар он олам сеҳрангез намебуд, бузургтарин шоири ҷаҳон—Гёте мафтуни он намешуд. Агар он асроромез намебуд, Ҳофизро «лисон-ул ғайб» намехонданд. Агар он афсунгар намебуд «Маснавии маънавӣ»-ро «Ҳаст Қуръон дар забони паҳлавӣ» намегуфтанд. Хуб бармегардем ба сари масъала. Оё мо метавонем ба он «уқёнус» «ғӯта» занему дар он ҷо «шиноварӣ» кунем? Модоме, ки аз он шикваву шикоят дорем, ки «Овози тоҷик»-ро намефаҳмем, чӣ гуна шиновари он манзил бошему «мавҷҳои муқтадир»-аш моро «ғарқ» накунанд?

Вақте, ки омӯзгори мактаб, омӯзгоре, ки даҳ сол забони модариашро омӯхтааст ва боз 4-5 сол мактаби олӣ ба забони тоҷикӣ таълим гирифтаасту калимаҳои «эшон», «суол», «чумхурӣ»-ро намефаҳмад, чӣ гуна ба он «уқёнус» наздик шавад? Охир ду калимаи аввал чӣ дар адабиёти классикиву чӣ дар адабиёти муосир фаровон истеъмол шудааанд. Калимаи «чумҳурият» ҳам барои ҳеҷ кас бегона нест. Ҳамкасби ман, Ҳотам Бозоров дар қатори як гурӯҳ луғатҳо калимаи «маллоҳро» мушкилфаҳм номидааанд. Ҳол он, ки ин калима дар матнҳои китобҳои дарсӣ дучор мееяд. Гузашта аз он, донишомӯз, ҳанӯз дар синфҳои ибтидоӣ,дар вақти омӯхтани калимаҳои ҳаммаъно аз китоби дарсӣ мехонад: олам, гетӣ, дунё; обварз, шиновар, маллоҳ.

Чӯпону деҳқон, тракторчиву косиби имрӯза—донишомӯзи дирӯза. Чаро онҳо намефаҳманд чунин калимаҳоро? Ба назарам дуруст мегӯянд, ки сабаби асосӣ дар номукаммалии усули таълим аст. Диққати асосии омӯзгор (албатта на ҳамаи омӯзгорон) ба аз бар намудани қоидаҳо нигаронида мешавад. Аз бар намудани луғату матнҳо бошад, аз мадди назар дур мемонад. Донишомӯз булбулвор, масалан, таърифи синонимро бо як-ду мисол мегӯяд ва бо ҳамин тамом. Агар дар худи ҳамин як мавзӯи «Синонимҳо» ист зиёдтар шаваду донишомӯзон бо калимаҳои ҳаммаъно чуқуртар шинос шаванд, онҳоро азёд кунанд, бисёр муаммоҳои мушкилфаҳмӣ бартараф мегардад. Бо ҳамин роҳ ганҷинаи луғати донишомӯзон афзун мегардад ва дар натиҷа салосату балоғати баёни нутқашон баланд меравад. Инсон аз дами кӯдакӣ то пиронсолӣ, пеш аз ҳама, бо фарогириии сарвати луғат ва дарки маъноии он забондон мегардад, на бо роҳи аз бар намудани қоидаҳои хушку холӣ. Яъне луғатдонию луғатфаҳмӣ омили муҳими забондониву маънифаҳмӣ буда, муайянкунандаи дарачаи маърифатнокии шахси босавод аст. Аммо, ба назари банда, луғатомӯзӣ амалест сахт меҳнатталаб ва фаъолиятест давомноку якурма. Аз ин рӯ омӯзгор бояд шогирдонро аз хурдӣ ба чунин меҳнат одат кунонад. Матнҳову луғатҳоро чунон интихоб кунад, ки шавқу ҳавас, майлу рағбати донишомӯзон ба ин фаъолият зиёда гардад. Чун мутахассиси забон нестам ва забони модариамро ба дарачае, ки бояд донам, намедонам, аз тадқиқҳову овардани фикрҳои мушаххас, ки кадом усул беҳтару саҳеҳтар аст ҳуддорӣ менамоям. Дар ин бора бояд мутахассисони соҳа фикрҳои мушаххаси худро баён намоянд. Аммо ҳамчун як омӯзгори мактаби тоҷикӣ мачбурам гоҳу бегоҳ дар ин бора фикр ронам ва ҳар бор гаштаву баргашта иқрор шавам, ки бешубҳа, замоне сатҳи забондонии аҷдодони мо баланд будааасту ҳоло паст рафта—Ва боз кӯшишҳо мекунем, ки ҳарчи пасттару пасттар равад. Ва оқибат рӯзе расад, ки (Худоё, аз он рӯз нигоҳ дор!) як нафар зиёии тоҷик чунин маслаҳат андозад: биёед намоем сарфи назар аз «падар», чунки ҳаст ҳамрадифаш «шӯи модар».

Ба назарам, он ҳаракати соддакунии забони адабии тоҷик, ки бо баҳонаи ба оммаи васеи халқ наздик намудани он, дар солҳои 20-уми қарни сипарӣ оғоз ёфта буд, анҷом наёфтааасту давом мекунад. Кадом асосу далелҳо маро водор карданд, ки ин гуна хулоса барорам? Асос «Овози тоҷик», дурусттараш баъзе мақолаҳои дар он чопшаванда. Дар саҳифаҳои рӯзнома мақолаҳоеро меҳонам, ки муаллифонаш 5-10 калимаро намуна мебиёранду таклиф меандозанд, ки аз истеъмоли онҳо ҳуддорӣ намоем. Ва, албатта сабабашро ҳам нишон медиҳанд: архаистӣ, аз истеъмол баромада, арабиасос, душворфаҳм ва ҳоказо. Масалан Хушвақт Умруллоев дар «Омӯзондани қоидаҳои забон шарт аст» ном мақолаашон менависанд: «Забондонии худро намоиш доданӣ шуда, калимаҳои аз истеъмол мондаи архаистӣ ва душворфаҳми арабисохтро аз нав зинда карда, бемайлон кор фармудан ҳам хуб не». Ва ба сифати мисол калимаҳои махлут, марбут, табъиддшудагон, қавоид, манофеъро мебиёранд. Воқеан, ба калима додани «унвони» архаистӣ чӣ гуна амалӣ мегардад. Оё ҳар як омӯзгор, рӯзноманигор ё каси дигар соҳибихтиёр аст, ки ба калимаи ба назараш душворфаҳм ин унвонро диҳаду вайро ба фаромӯшхонаи луғатҳо фиристад? Ин калимаҳо дар адабиёти муосир амалан дар истеъмол буданду ҳастанд ва ҳеҷ кас ба онҳо тамғаи архаистиро назадааст. Гирем калимаи «марбут»-ро ва бубинем, ки оё ин калима дар забони муосири тоҷик истеъмол мешуд ё рӯзноманигорони «Овози тоҷик» ба он «чон» бахшида «аз нав зинда» кардааанд. Гирифтам бо чунин мақсад ба даст як ҷаридаи «Садои шарқ» (рақами 10, 1977). Сар сари чашм медавонам ба саҳифаҳояш, ки оё «марбут» дучор мееяд ба ман. Вохӯрд ва на як бору ду бор. Ва дар навиштаҳои ашхосе, ки ба забондону адабиётдони варзидаи муосири тоҷик будани ҳар яки онҳо мо шубҳа надорем. Дар «Як омили халқиятӣ забон» ном мақолаи Раззоқ Ғаффоров ду маротиба, дар «Шеъри соли 1976» ном мақолаи Хуршеда Отахонова ду маротиба, дар «Насри соли 1976» ном мақолаи Рачаб Амонов як маротиба ин калима дучорам гашт. Оё худи ҳамин кофӣ нест, барои баровардани хулоса, ки ин калима на танҳо архаистӣ нест, балки як дарача серистеъмол будааст.

(Давомаш дар сах.4)

Аз маломати хеш дур нашавем

Қобили таваччӯҳ аст, ки дар саҳифаҳои рӯзномаи «Овози тоҷик», ки минбари асосии тоҷикони ҷумҳуриамон маҳсуб мегардад, силсилаи мақолаҳои маърифатию маънавӣ ба табъ расида, табъи соҳибзабонони нуктадонро пайваста болида мегардонанд. Ба ин маънӣ мақолаҳои олимон Аслиддин Қамарзода, Ҷумъа Ҳамроев, навиштаҳои паёмнигорон Маъруф Отахонов, Юсуфи Мирзозод, Паймон ва дигарон сазовори дастгирист. Хосса, чакидаҳои қалами донишманди тоҷик Мӯҳсин Умарзода дар хусуси вазъи кунунӣ ва рушду камоли забони тоҷикӣ ҷолиби диққатанд. Ӯ дар силсилаи мақолаҳояш —«Хартанг», «Истаравшан», «Забони модариро пос дорем» сӯзи дилашро ойди дар даҳсолаҳои охир костани маданиятӣ сухани тоҷикӣ ва корбурди бемавриди вожаҳои ғайриторикӣ ибрози назар намудааст. Ин маънӣ, хусусан, дар мақолаи «Забони модариро пос дорем» бо як ҳаяҷони ботинӣ арзёбӣ мегардад. Аз мутолиаи ин мақола мо низ ба вачд омадем, зеро аз ин иншо фасоҳат ва балоғати сухангустарӣ падид мееяд.

Маърифати муаллиф аз он низ аён аст, ки дар мақола на танҳо дилсӯзӣ нисбат ба забони вомгир (забони тоҷикӣ) арзёбӣ шудааст, балки эҳтироми ӯ ба забонҳои вомдеҳ (ӯзбекӣ ва русӣ) низ зоҳир мегардад.

Муаллиф бурду бохти забони тоҷикиро аз замони пешин то имрӯз пеши назари хонанда ба сифати бурҳони раднопазир оварда, собит менамояд, ки корбурди баъзе вожаҳо, алалхусус, калимаҳои иқтисодӣ нобарҷост. Корбурди қисми зиёди чунин вожаҳо ба солҳое, ки барои соддашавии забон муборизе бурда мешуд, мансубанд. Мусаллам аст, ки дар даҳсолаҳои охир сатҳи забонамон паст рафта, унсурҳои номатлуб на танҳо дар корбурди овозу вожаҳо, балки дар корбасти қолабҳои сарфию наҳвии забонамон низ пайдо шуданд.

Забоне, ки таърихи зиёда аз ҳазорсола дорад ва бори дуюм соҳиби мақоми давлатӣ шудааст, бояд шаҳомат, салосат, балоғату фасоҳати хоссае дошта бошад. Ин буд, ки мо ҷонибдори соддашавии забон ва ифодаи омиёнаи фикр нестем. Ин тарзи изҳори фикр на танҳо забонро ба дарачаи пастии маданияти сухан роҳнамун месозад, балки аз шахси нисбат ба забони модариаш бепарво низ дарак медиҳад.

Пӯшида нест, ки забони арабӣ дар асри Y111 дар асосии забони «Қуръони карим» шакл гирифта буд. Аз рӯи баъзе маълумотҳо маълум мешавад, ки дар давоми 12 қарни минбаъда ба қонуниятҳои забони арабӣ ягон қоидаи нав ё тағйироти казоие ворид нагаштаааст.

Мутаассифона, дар қонунҳои дастурии забони тоҷикӣ, барҳаксӣ ин маъниро мушоҳида менамоем.

Дар нимаи дуюми солҳои бистум ва аввали сиюм дар хусуси масъалаҳои мубрами забони тоҷикӣ баҳсу мунозира ба амал омада, пиромуни ин масъала аз ҷонибе устодон С. Айнӣ, Фитрат, Зеҳнӣ, С. Ализода, Б. Азизӣ ва дигарон фикрҳои ҷолиби диққат баён мегардиданд. Дар ин солҳо китобҳои дарсии аввалин, ки ба қалами С. Ализода, Л. Бузургзода, Ҳоҷизода, Зеҳнӣ ва монанди инҳо мансубанд, ба табъ мерасиданд. Дар ин китобҳои дарсӣ як миқдор истилоҳҳои тоҷикӣ ба монанди пешчаспак, пасчаспак, сарф, нахв... ба назар расанд ҳам, баъдтар дар таълифи китобҳои дарсӣ истилоҳҳои аз забони русӣ иқтибосшуда (морфология синтаксис, грамматика, префикс, суффикс ва монанди инҳо) истифода шуданд. Зиёда аз ин, бисёр қоидаҳои дастури забони тоҷикӣ шабеҳи қоидаҳои дастури забони русӣ буданд.

Ба назари мо, забоншиносони тоҷик дастури забони тоҷикиро дар асоси забони иншои суханварони қадим Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абулқосим Фирдавсӣ, Ибни Сино, Умари Хайём, Саъдии Шерозӣ, Ҳофизи Шерозӣ, Камоли Хуҷандӣ ва монанди инҳо тартиб медоданд, савтиёт ва табиати забони дарӣ дар қоидаҳои он бештар акс меёфтанд ва забони тоҷикӣ аз асолати хеш дур мешуд.

Имрӯз ба мақсади барқарор намудани бузургию шаҳомати пешинаи забони тоҷикӣ кӯшиши аҳли илму адаб ба назар мерасад. Дар ин ҷо низ аҳли илму адабро бо ду гурӯҳ ҷудо кардан мумкин мегардад. Гурӯҳи якум бузургӣ ва шаҳомати забони тоҷикиро дар корбурди унсурҳои луғавии арабӣ, дар ҷамъбандии шиканда ва монанди инҳо мебинанд, гурӯҳи дуюм, баръакс ба мақсад бо кор фармудани воҳидҳои луғавии сирф тоҷикӣ, истифодаи калимаҳои ҳамзабонони берун аз марз ва ғайра муваффақ шуданиаанд.

Баъзе соҳибзабонон баъд аз мутолиаи мақолаҳои гурӯҳи аввал «Ман имрӯз бо забони тоҷикӣ меҳонаму намефаҳмам» гӯянд, пас аз хондани мақолаҳои гурӯҳи дуюм «Забони тоҷикӣ забони форсӣ шудааст» мегӯянд. Вале, ба фикри мо, фикру ақидаҳои гурӯҳи дуюм ҳеҷ ҷиҳат дастгирист, зеро ки бузургию шаҳомат ва балоғату фасоҳати забон, пеш аз ҳама, дар корбурди калимаҳои аслӣ зоҳир мегардад. Дар акси ҳол, ин бузургӣ бузургии забони ғайр мебуд, ки бузургии забони тоҷикӣ.

Ин буд, ки барои ифодаи истилоҳоти хоссаи илми забон як миқдор воҳидҳои луғавии сирф тоҷикӣ ва арабӣ ба ҷои калимаҳои аз забони русӣ иқтибосшуда мавриди истифода қарор гирифтанд. Масалан, ба ҷои фонетика овозшиносӣ, ба ҷои лексикология луғатшиносӣ, ба ҷои лексикография луғатнигорӣ ба ҷои морфология сарф, ба ҷои синтаксис нахв, ба ҷои грамматика дастури забон, ба ҷои диалектология лаҳҷашиносӣ, ба ҷои профекс пешванд, ба ҷои суффикс пасванд, ба ҷои инфекс миёнванд, ба ҷои аффикс воситаҳои сарфии калимасоз, ба ҷои синоним муродифот, ба ҷои омоним ҳамгуна, ба ҷои антоним мутазод кор фармуда мешавад. Миқдори ин гуна калимаҳо кам нестанд, мо ин ҷо чанде аз онҳоро барои мисол оварем.

Дар дигар соҳаҳо низ калимаҳои иқтибосии русие, ки дар давоми чанд даҳсолаҳо мавриди истифода қарор гирифта буданд, бо муродифҳои тоҷикиашон иваз карда шуданд. Масалан, дар солҳои охир «вертолёт» - ро чархбол ва «самолёт» - ро ҳавопаймо иваз кард. Монанди ҳамин, дар соҳаи ҳуччатнигорӣ калимаи иқтибосии русии «справка» - ро маълумотнома, «акт» - ро соқитнома, «характеристика» - ро хислатнома, «паспорт» - ро шиносноме иваз кардааст.

Аз мисолҳо бармеояд, ки дар ин чанд соли охир дар роҳи тоза нигоҳ доштани забонамон як падидаи наве рӯи кор омада ва натиҷаи дилхоҳ ба даст оварда, ки он минбаъд боиси рушду камоли забони модариамон хоҳад гашт.

Ф. ИСОМИДДИНОВ,
М. КАБИРОВ,
номзадҳои илми филология,
устодони Донишкадаи
омӯзгории вилояти Тошканд.

Бозори нави Асака

Дар шаҳри Асакаи вилояти Андиҷон бинои бозори нав ба истифода супурда шуд, ки ба андозаҳои байналхалқӣ пурра ҷавобгӯст. Он бо назардошти анъаноти миллии меъморӣ сохта, ба деҳқонон, соҳибкорон ва тадбиргарон кулли шароит фароҳам оварда шудааст.

Майдони умумии бозор 3,5 гектар буда, 650 шабакаи савдои болопӯшидаро молик аст. Дар ин ҷо дӯконҳо дар шароити дилхоҳи обу ҳаво ҳам ба харидорон ва ҳам фурӯшандагон як хел хизмат мерасонанд. Ҳамчунин 132 дӯкони тадбиргар, 8 ошхона, меҳмонхонаи дорои 30 кат, анбори борнигоҳдорӣ, маҳали исти мошинҳо мавҷуд. Ва ҳамаи корҳо бо усули ҳашар, бо саъю кӯшиши тадбиргарони саховатпеша ба иҷро расонда шуданд, ки аз 2 миллиард сӯм бештар аст.

—Ҳар як бозор бо қулаии ба худ хосаш фарқ мекунад,— мегӯяд раиси садорати ҷамъияти саҳҳомии бозори универсалии шаҳри Асака Юсуфҷон Акбаров.—Пештар бозори деҳқонӣ ва маркази шаҳр хеле дур ҷойгир буд, ҳам ба харидорону ҳам фурӯшандагон шароити зарурӣ надошт. Ва он боиси як қатор ноқулаиҳо ва эътирози ҳаққонӣ гардида буд. Баробари ин ва азбаски дар сари роҳи автомобилгард қарор дошт, ҳам ба ҳаракати нақлиёт ва ҳам рохравҳо як қатор душвориҳоро ба миён овард. Ҳангоми сохтани бозори нав барои бартараф кардани ҳамин муаммоҳо диққату эътибори махсус додем. Аз ҳамин сабаб алҳол харидор аз бозори мо чизи барояш заруриро пайдо карда метавонад.

Дар сурат: намуди зоҳирии бозори нави Асака.

Аксбардор: Шӯҳрат Олимов (ҲзА).

Корхонаи ҷавонон

Аз ин расо шаш сол муқаддам дар ноҳияи Оҳангарони вилояти Тошканд дар ҳамкорӣ бо тадбиргарони туркиягӣ корхонаи «Айлин» ба истифода супурда шуд. Ҳоли ҳозир маҳсули дасти коркунони корхона-печеневу шоколадҳо на танҳо дар бозори дохила, балки дар берун ҳам харидорони зиёде пайдо намудааст.

Дар корхонаи мазкур 250 нафар кор мекунанд, ки аксарашон ҷавононанд. Аз ҳамин сабаб «Айлин»-ро «корхонаи ҷавонон» ном мебаранд.

Директори иҷроғари «Айлин» Аслон Ӯзар зикр намуд, ки дар ин ҷо боз як корхонаи нав таҳти унвони «Адора» дари худро боз намуда, дар ин ҷо истеҳсоли собунҳои таъиноти атторӣ ба роҳ монда шуд ва дар он ҳам ҷавонони сершумор бо шуғли доимӣ фаро гирифта мешаванд.

Дар сурат: лаҳзае аз фаъолияти корхонаи «Айлин».

Аксбардор: Дилшод ЮСУФОВ (ҲзА).

Ҷангалзору боғзор сарвати бебаҳоанд

Ҷангалзор дар байни захираҳои табиии мамлакатамон мақоми муҳимро ишғол менамояд. Ва ин сипари сабз дар бобати таъмини мусаффогии муҳити атроф ҳам нақши калон мебозад. Ҳифзу вусъат додани ҷангалзор, ташкили оқилона истифода бурдани он ба зиммаи Сарраёсати хоҷагиҳои ҷангали Вазорати кишоварзӣ ва хоҷагии оби ҷумҳурият гузошта шудааст. Сӯҳбати мо бо ҷонишини аввали сарвари ин Сарраёсат Шермуҳаммад Юсуфов ба амалӣ гардондани корҳо дар ин самт, комёбиҳои ба даст омада, муаммоҳо ва вазифаҳои минбаъда бахшида шуд.

— 19 фоизи ҳудуди кишвари моро захираҳои ҷангал ташкил медиҳад,—гуфт ҳамсӯҳбати мо.—Иқлими минтақаи мо ҷиҳати ба худ хосро молик аст. Арчаҳои кӯҳсор, саксаули дашт, тӯғайҳои назди дарёҳо барои бехдошти сохтори хок, нигоҳ доштани намиву об ва таҳкими заминаи хӯроки чорво хизмат мекунанд.

Олами набототу ҳайвонот ҷангалзор ҳам ранголанг аст. Дар онҳо беш аз 480 намуди парранда ва беш аз 100 навъи ҳайвонотро дучор омадан мумкин аст. Дар онҳо бисёр сиҳҳатгоҳҳо, хонаҳои истироҳат, базаҳои сайёҳӣ созмон дода шудаанд.

Кормандони соҳаи ҷангалпарварӣ ба мақсади вусъат додани ҳудудҳои ҷангалзор ҳар сол майдонҳои нав ба навро ба беш аз 40 ҳазор гектарӣ ба вучуд меоваранд. Дар 30 ҳазор гектар муборизаи биологӣ ба муқобили ҳашароти зарраасон ва маризиҳо ба рӯи об бароварда мешавад. Қариб 500 тонна тухмии дарахтону бӯттаҳо омода шуда, беш аз 30 миллион воҳиди ниҳоли дарахтони манзаравиву боровар парвариш мегарданд. Дар соҳаи саноат бошад, истеҳсоли молҳои истеъмоли халқ ба роҳ монда шудааст.

Дар бобати ташкили дурусти корҳо ва рушди ин фаъолият комёбиҳои илмӣ ҳам даст медиҳад. Тадқиқотҳо ва бозёфтҳои Пажӯҳишгоҳи илмиву тадқиқотии ҷангалпарварии Ӯзбекистон ба вусъат додани боигариҳои ҷангалзорҳо, таҳияи технологияи пешқадами рушди соҳа ва тадбирҳо ба муборизаи ба муқобили сел, такмил додани истеҳсолот нигаронда шудаанд. Навъҳои серҳосилу тезпази чормағз ва финдиқе, ки олимони мо офаридааанд, дар берун аз ҳудуди мамолики Осиёи Марказӣ ҳам парвариш меёбанд. Ҳамчунин ба тезӣ ба воя расидани сафедору навъҳои ба он омехтагардидаи дигар дарахтон тадбирҳо андешида шудаанд. Аз ин рӯ алҳол аз ҳар гектар дарахтзори навъи «Баховен» ва сафедори алҷазоирӣ то 300-400 метри мукааб чӯб гирифтан мумкин аст.

Корхонаи давлатии масолеҳи чӯбу тахта ва лоиҳакашиву ҷустучукунӣ дар кори шинондани дарахтон дар қарияҳои аҳолинишин, таҳияи лоиҳаҳои замонавии манзилгоҳҳо ва иншоотҳои саноатӣ, ба вучуд овардани боғзорҳо ва дарахтзорон, ки роҳҳову каналҳо, хатҳои нақли газу об, майдонҳои кишт ва чарогоҳҳоро ҳифз мекунанд, саҳми муносиби худро мегузоранд.

—Сабук гардондани оқибатҳои фоҷиаи Арал имрӯзҳо яке аз самти устувори сиёсати давлатӣ ба ҳисоб меравад. Барои ба рӯи об бароварданн ин муаммо ҳамкории зич байни бисёр ташкилотҳои давлативу ҷамъиятӣ, байналхалқӣ ба роҳ монда шудааст. Дар ин самт кормандони соҳаи ҷангалпарварӣ кадом мавқеъро ишғол намудааанд?

—Нуриҳои кимёвӣ, гербисидҳо ва махсусан дефолиантҳои заҳрдор дар солҳои режими тоталитарӣ бебаркаш истифода бурда шуданд ва бо обҳои зеризаминӣ олоиш ёфта, тавассути Сирдарёу Амударё ба баҳри Арал рехтанд. Ҳоли ҳозир ин пасмондаҳои кимёвӣ баъди хушк шудани баҳри Арал асорати ҳудро намоиш медиҳанд ва таҳти таъсири шамоли сахт ба гирду атроф паҳн мегарданд ва он ба оламии мабототу ҳайвонот ва тандурустии аҳолӣ таҳдиди воқеӣ доранд.

Аз он ҷангалзорҳо ҳам сахт зарар мебинанд. Рег ва намак аз қаъри баҳри Арал ба Қизилқум мепаррад. Ва он ба ниҳоли дарахтоне, ки акнун нумӯъ кардааанд, таъсири манфӣ мерасонанд, қобилияти табиии сабзиши онҳоро кунд мегардонад.

Дар солҳои истиқлолият корҳо оид ба муайян кардани майдонҳои хушкшудаи Арал ва дар он ҷо коштани рустаниҳои ба ин шароит хосу мос амалӣ гардонда мешаванд. Дар фурсати кӯтоҳ дар ин ҷо 150 ҳазор гектар ҷангалзори суньӣ ба вучуд оварда шуд. Алалхусус саксавулҳо, ки ба гармселу намакҳои зараровар тобовар ҳастанд, 5-6 метр қад афроҳтаанд. Бо дигар суханон гӯем, дар минтақаи фалокат низоми экологӣ ба вучуд оварда, рустании мухталифи ёбӣ ба сабзиш даромаданд, ҳайвони ёбӣ ҳам пайдо гардидааст.

Бояд қайд намуд, ки саксавул, қандим, қамиш барин рустаниҳои дашт дар 70-80 дарача гармӣ обро талаб накарда, сабзиданашон мумкин аст. Ба мақсади беҳтар кардани вазъи экологии минтақа ҳар сол садҳо ҳазор гектар чунин рустанизорҳо ба вучуд оварда мешаванд.

Агар ҳаҷми иҷрои корҳоро дар ин самт 2-3 баробар вусъат диҳем, ҳар сол 45-50 ҳазор гектар ҷангалзорро ба вучуд оварем, дар он сурат дар даҳ соли наздик ҳудуди хусусигардидаи баҳри Арал пурра бо либоси сабзранг таъмин мегардад. Бухоршавии об то ба 50 фоиз кам гардида, барои рӯёндани рустаниҳо ва ҳайвонот шароити мусоид фароҳам мееяд.

Солҳои пештараи сипаришуда дар натичаи шамолҳои сахт, тӯфонҳо регҳо барои ба биёбон табдил гардидани ҳудуди зиёди ин минтақа оварда расонданд. Аз он зироати кишоварзӣ ва аҳолӣ бештар зарар дид. Соли 1960-ум ба вучуд овардани навбати аввали сипари сабз дар Бухоро оғоз ёфта буд. Ва он барои бехдошти вазъи пахтакорӣ, шароити зиндагонии одамон мусоидат мекард. Ин кор алҳол низ идомаи ҳудро меёбад. Ва ин кор дар бадали 30 сол самараи хуби ҳудро бахшида, дар бобати ба вучуд овардани сипари сабз дар минтақаи Қизилқум ва ҳавзаи Арал нақши муҳим мебозад. Барои амалӣ гардондани он саҳми коркунони соҳаи мо ҳам буданаш ба кас ҳурсандӣ мебахшад.

Ба туфайли истиқлолият Ӯзбекистон узви баробарҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳонӣ гардид. Равобит бо бисёр давлату мамлакатҳои мутараккӣ ба роҳ монда шуд. Аз он ҷумла, ба мақсади рушди минбаъдаи ҷангалпарварӣ муносибатҳои шарикӣ бо чанд мамлакати хорича ба роҳ монда шуд. Ҳамкорӣ бо мутахассисони чинӣ оид ба рушди сафедорзорҳо дар ҷумҳурият натичаҳои хуби ҳудро мебахшад. Исбот гардидааст, ки сафедори «Свадон»-и Чин дар мамлакати мо хеле хуб нашъунамо меёбад. Баробари ин ҳамкорони чинӣ аз усулҳои мо босамар истифода мебаранд.

—Агар он чизро ба назар гирем, ки нигоҳ доштани табиати махбуб, бехдошти вазъи экологии кишвари мо яке аз вазифаҳои асосии мост, дар он сурат набояд фаромӯш кард, ки дарахт нашинонда, боғзор ба вучуд наоварда ба он муваффақ шудан ҳаргиз мумкин нест,— гуфт дар хотимаи суханронияш Ш.Юсуфов.—Ман орзу дорам, ки арзишҳои бузурге, ки аз ниёгонамон ба мо мерос мондааанд, яъне шинондани дарахт ба вучуд овардани боғзор, ҷангалзор мазмуни ҳаёти ҳар як ҳамватанамон гардад.

Сӯҳбатнигор
Баҳор ХИДИРОВА,
мухбири �Ӯза.

Зафарҳои деҳқонон

Меҳнаткашони ноҳияи Сариосиё соли гузаштаро бо дастовардҳои арзанда гузаронданд ва зафарҳои онон дар соҳаҳои ғаллакорию пахтакорӣ назаррас буд. Таҷлил намудани ин комёбиҳо ба ҳукми анъана даромадааст ва бо ташаббуси ҳокими ноҳия, намояндаи халқи Олий Маҷлис П.Ч.Мадиев дар сайргоҳи ноҳия ҷашни ҳосил баргузор шуд.

Дар ифтитоҳи он ҳокими вилоят Т.Қодиров дар назди ҳозирин аз меҳнати ҳалоли деҳқонон қаноатмандӣ зоҳир намуда, суханҳои самимӣ гуфт.

—Таҷрибаи деҳқонони Сариосиё дар миқёси ҷумҳурӣ қобили омӯзиш аст, зеро дар ду соли охир ҳосили пахта ба ҳисоби миёна аз 31 ба 42 сентнерӣ ва ҳосили ғалла аз 35 ба 61 сентнерӣ расонда шуд,—қайд намуд ӯ.

Ӯ ҳамчунин пешқадамони соҳаро номбар намуда, тӯҳфаҳо супорид. Аз ҷумла, ба дорандагони ҷойҳои аввал—хоҷагиҳои ба номи Бобур, ба номи И.Диёров ва «Тоҷиён» яктогӣ автомошинҳои «ВАЗ-2107» ва яктогӣ «Тико», инчунин ба ҳамаи раисони хоҷагиҳои ҷамоавие, ки махсуси ин соҳа ҳастанд, яктоӣ автомошинҳои «Тико»-ро ҳадя намуданд. Пешқадамони соҳа, роҳбарони ширкатҳо, соҳибкорон ва хоҷагиҳои фермерӣ бо телевизорҳои ранга қадр карда шуданд.

Тамошобинон тавонистанд аз барномаҳои ҷолиби консерӣ, ки сароянданӣ писандидаи ҷумҳурӣ Илҳом Фармон ва Оғабек Собиров ва овозхони хушадо Азиза Ниёзматова баҳра бардоранд. Дар хизмати онон растаҳои фурӯшгоҳҳои ходимони савдо оро ёфта буд ва таомҳои мухталиф аз ҷониби пазандагон ҳозир буд. Маъракаҳои шавқовар, аз қабили бузкашию чавандозӣ ва гӯштину дигар навъҳои варзиш хотири ҳамагонро шод гардонид.

Нарзулло ХОЛИҚОВ,
Анвар МУРОДОВ.

Обод кардан месазад

(Аввалаш дар саҳ.3)

Омӯзгори забон-адабиёт Ҳотам Бозоров («Соҳиби забон халқ аст», «ОТ» 17.1У.2002) ҳам дар чунин ақидаанд, ки саҳифаҳои рӯзнома бо калимаҳову вожаҳои мушкилфаҳму гӯшхарош оро меёбанд. Чанд андеша оиди таҳқиқҳои муаллиф, ки роҷеъ ба маводҳои рӯзнома буданд. Ҳ.Бозоров ҷумлаҳои зиёдеро аз саҳифаҳои рӯзнома иқтибос овардааанд ва нисбати баъзе калимоти таркиби он ҷумлаҳо нуқтаи назар баён намудааанд. Пеш аз он, ки ба чунин амал шурӯъ намоянд, аз навиштаҳову баромадҳои Улуғзодаву Икромӣ барин адибони маъмуму машҳури мо иқтибосҳо овардааанд. Масалан аз як нутқи устод Икромӣ дар анҷумани Х адибони Тоҷикистон порчаи дарозеро овардааанд, ки аз такрор овардани матни пурраи он худдорӣ менамоям. Адиби маъруф, дар суханрониашон (назар ба иқтибоси овардашуда), аз он ба шӯр омада будааанд, ки дар саҳифаҳои матбуот калимаҳои зиёди мушкилфаҳми ба гӯш нофорам вомехӯранд. Аз ҷумла истеъмоли калимаҳои масоил, аснод, саҳҳомӣ, ҷаласа, тазаккур, ашхос, овозхон, пажӯҳишгоҳ-ро ноҳоиз донистаанд ва афзудааанд. «Рост мегӯям, ки ман гоҳо рӯзномаҳои русиро осонтар мефаҳмам, нисбат ба рӯзномаҳои тоҷикии худамон. Ин хуб нест, рафиқон!... Калимаи электрикро, ки ба шоҳу гадо мафҳум буд, кор намефармоему ба ҷои он «барқ» менависем...

Ба забони фасеҳ, равон ва ширини адабии мо чӣ шудааст?» Инро бинед, ки яке аз суханварони барҷастаи мо (рӯҳашон шод бод!) дар фаҳмидани маводҳои рӯзномаҳои тоҷикӣ мушкилӣ мекашанд. Оё ба ҳақиқат наздик буданд ин гуфтаҳо, яъне аз қаҳри дили нависанда мебаромаданд ин суханҳо? Ба ҳеҷ ваҷҳ не! Чунин буданаш, оддиякак гӯем, мумкин набуд. Ба хусус барои Ҷ.Икромӣ барин романнавис. Ин гуна баромадҳо мувофиқи талаби давру замон сурат мегирифт ва мо одат карда будем, ки ба «авторитет»-ҳо таклид кунему бар зидди гуфтаҳои онҳо сухан нагӯем. Ҳама қоил ба он будем, ки «ашхос» гӯшхарошу мушкилфаҳм, аммо «шахсҳо» гӯшнавозу осонфаҳм аст. «Барқ» носаҳеҳу норавон «электрик» фасеҳу равон. Аммо гуфта наметавонистем, ки «вожгун» («Тахти вожгун») чӣ гуна бошад, гӯшхарош ё гӯшнавоз, мушкилфаҳм ё осонфаҳм? Агар ҳаракати соддакунии забон баъд аз адои вазифа, яъне пурра саводнок шудани халқи тоҷик, амалиёти худро бозмедошт ва ҷараёни баръакс, яъне ба забон наздик бурдани халқ суръат мегирифт, ба назарам , кандашавии миллат аз фарҳангу маданияти таърихиаш рух намедод. Аммо он амалиёти соддакунии забон давом мекарду давом мекард. Фақат бо ному баҳонаҳои дигар. Забони русӣ ҳамчун забони мушоварати байни миллатҳо эътироф гардид. Вай ба забонҳои миллӣ муқобил гузошта мешуд. Тарафдорони наздикшавӣ ва якшавии забонҳо торафт зиёдтар мегардиданд. Ва ҳатто шахсони барӯманди тоҷик, аз ҷумла адибоне, ки фахри миллат ҳисоб меёфтанд, маҷбур буданд, ки ба фоидаи забони русӣ сухан ронанд. Дар акси ҳол, новобаста ба лаёқату маҳораташон, истеъдоди ҳудро рӯи об бароварданашон мушкил буд. Дар натиҷа доираи амали забонҳои миллӣ тангтару тангтар мегашт. Забон хароб шуд. Харобии забон ба он оварда расонид, ки акнун барои мо он мероси гаронбаҳои ниёгон гӯё сароб буду рӯъё. Забонро халқ меофараду соҳиби забон халқ аст мегуфтанду мегӯянд, такрор ба такрор. Ҳақиқат аст ин ва талабу таҳзоро ба исбот надорад. Аммо, дар навбати ҳуд, забон муайянкунандаи халқ аст. Ва ин маънӣ ҳам , ба фикрам, набояд аз мадди назар дур афтад. Зеро тадричан харобкунии забон, бо баҳонаи соддакунӣ, эҳтимол онро то дараҷае ба лоғарӣ расонад, ки вай вазифаи муайянкунандаи ҳудро аз даст диҳад. Албатта буданд равшанзамироне, ки вазъияти дар забон ба вуҷуд омадаро ба хубӣ дарк менамуданд ва ҳаракатҳо мекарданд, то халқро ба забони ҳуд наздик баранд.

Ҳамон ваҚте, ки устод Икромӣ пархез намуданро аз тазаккуру ашхосу пажӯҳишгоҳ талаб менамуданд ва ҳоло Ҳ.Бозоров «ифтитоҳу умдаро» мушкилфаҳм меноманд, яке аз олимони намоёни тоҷик М.Осимӣ ин калимаҳоро дар навиштаҳову баромадҳояшон (масалан «Ҷомӣ ва ҳудшиносии тоҷикон». «Садои шарқ», рақами 11, 1989) бемалол истифода мебурданд. Ин файласуфи тоҷикро, ки яке аз пояҳои кохи илму фарҳанги мо буд, дар тамоми шӯравӣ ва берун аз марзҳои вай мешиноҳтанд. Ба фикрам барои Осимӣ барин шахс кӯшиши намоиш додани забондонии ҳуд бегона буд. Ман аз он афсӯс меҳӯрам, ки кӯшишу ғайрати соддакунии забон давом дорад. Ва идомадиҳандагони ин ҷараён дар амалиёти ҳуд аз суханрониҳову навиштаҳои мувофиқи талаби давру замон иншоҳардида истифода мебаранд. Муаллифи мақола фикри Икромиро дар бораи вожаи «барқ» давом медиҳанд ва исбот кардаанд мешаванд, ки ин вожа ҳамрадифи «электрик» буда наметавонад. Барои ин се ҷумларо аз маводҳои рӯзнома намуна овардааанд, ки дар онҳо вожаи «барқ» истеъмол гаштааст. Ва навишааанд: «Вожаи барқ муродифи электр набуда, маънои онро низ пурра ифода наменамояд. ВаҚте, ки ба ҷои гидростансияи электрикии обӣ гидростансияи барқи об ё ки барқи обӣ, барқи оби Роғун гӯем, баробари оташ задан ба чорчӯбаи маънӣ мебуд. Якум ин, ки калимаи барқ ҳамрадифи электрик шуда метавонад ва маънои онро низ пурра ифода мекунад. Барои ба ин боварӣ ҳосил намудан ба як нафар омӯзгори физика ва китобҳои «Луғати русӣ-тоҷикӣ», «Словарь русского языка»-и С.И.Ожегов мурочаат намудан кифоя аст. Сониян, ҷумлаи дуюми иқтибоси болоиро Ҳ.Бозоров чунон тартиб додааанд, ки хондани он пеш аз ҳама ҳуди муаллифро ба иштибоҳ андохтааст. Зеро ҳангоми сохтани ҷумла муаллиф ибораҳоеро ихтироҳ кардааанду аз онҳо истифода намудааанд, ки бо ин амалашон на танҳо «ба чорчӯбаи қоидаи ҷумласозӣ низ аланга афрӯхтааанд. Зеро «гидростансияи обӣ» гуфтан хатост. Аз ин рӯ «гидростансияи барқи об» низ норавост. Дуруст он аст, ки гӯем: гидростансияи электрикӣ ва мувофиқан гидростансияи барқ ё нерӯгоҳи барқ. Агар фаҳмониданӣ бошем, ки барқ дар нерӯгоҳ бо қувваи об (атом) ҳосил мешавад, бояд гӯем: нерӯгоҳи обии (атомии) барқ. Хулоса, вожаи барқ ҳамрадифи электрик аст ва истифодаи он ба ҳамин маънӣ равост ва ҳатто, баъзан, дар истеъмол нисбат ба ҳамрадифаш бартариҳо дорад.

Кушоиш—калимаи дигарест, ки мавриди таҳқиқи муаллиф гардидааст. Ҳ.Бозоров аз маводҳои дар рӯзнома чоп гардида се ҷумларо намуна овардааанд, ки дар онҳо калимаи «кушоиш» истифода шудааст. Омӯзгор менависанд, ки дар он се ҷумла калимаи «кушоиш» ба маънии «кушодашавӣ» кор фармуда шудааст ва он ба маънои фарҳангии ин калима, ки:

1) ҳал кардан, яктарафа кардан; осон кардан.

2) барор, омади кор.

мебошад, мувофиқат намекунад.

Ҳарчанд хулосаи ҳамкасби ман ҳуҷҷатист, вале, сатҳист. Зеро банда дар асоси далелу бурҳонҳои зерин ба хулоса омадам, ки ин калима дар ҳамон ҷумлаҳо бамаврид истеъмол гаштаасту маънои матлубро ифода мекунад. Биёед назар меандозем ба моддае, ки дар он калимаи «ифтитоҳ» шарху эзоҳ дода шудааст.

Ифтитоҳ а. 1. кушодан: боз кардан: кушода шудан: кушоиш. Яъне калимаҳои кушодан ва кушоиш ҳамрадифанд ва якеро ба ивази дигаре кор фармудан мумкин.

II. «кушоиш»-ро аз масдари «кушодан» дар натиҷаи ҳамроз кардани «иш» ба асоси замони ҳозираи феъл ҳосил кардан мумкин. Кушодан—кушо—кушоиш.

Дар ин ҷо «кушодан» ва «кушоиш» ҳаммаъноянд, мисли он, ки дар

санҷидан—санҷ—санҷиш

пурсидан—пурс—пурсиш

супурдан—супор-супориш ва ҳоказо

калимаҳои сутуни якум бо калимаҳои сутуни сеюм ҳаммаъноянд. Хулоса ин, ки «кушоиш» дар он ҷумлаҳо дуруст истифода бурда шудааст. Дар бораи калимаи «нигориш»-и ҷумлаи «Нигориш аз иҷлосияи дуюми Олий Маҷлис даъвати дуюм» («Овози тоҷик» 27.05.2000) бошад, муаллиф менависанд: «Калимаи «нигориш» дар «Фарҳанг» ба маънии нақшакашӣ: нақшу нигор: расм: сурат шарҳ дода шудааст. Маънои калимаи «нигориш»-и «Фарҳанг»-у ҷумла пурра бо ҳам мувофиқат намекунад». Пеш аз он, ки ба чунин хулоса оянд, муаллиф бояд бо маънои калимаҳои нигоридан, нигоранда шинос мешуданд.

Нигоридан—нақш кардан, расм кашидан, сурат кашидан; навиштан

Нигоранда-2-нависанда: нақкош , тасвиркунанда.

Нигор—асоси замони ҳозираи нигоридан, нигоштан.

Нигоридан—нигор—нигориш.

Азбаски яке аз маъноҳои «нигоридан» «навиштан» будааст ва калимаҳои «нигоридан» ва «нигориш» ҳаммаъноянд, хулоса бароварда метавонем, ки калимаи «нигориш» дар ҷумла маънои мувофиқи мақсадро ифода карда метавонад.

Зиёда аз он, маҳз калимаи «нигориш» ба калимаи «репортаж» аз ҳар ҷиҳат мувофиқат мекунад ва онро ба маънои пурраааш иваз карда метавонад.

Ғайр аз ин, муаллифи мақола зиёда аз бист калимаро нишон додааанду гуфтааанд, ки онҳо ва боз «...даҳҳо калимаҳои мушкилфаҳм торафт дар саҳифаҳои рӯзнома бештар ба назар расида истодааст». Гӯем донишомӯзон—шогирдони ман ё шогирдони собиқамон, новобаста аз он , ки имрӯз ҳамкасбони мананд ё соҳиби касбу кори дигар, дар ҳондану фаҳмидани маводи рӯзнома мушкилӣ мекашанд. Чунин ҳолат, пеш аз ҳама, киро бояд ба ташвиш андозад? Маро—омӯзгорро ё рӯзноманигорро? Дар навбати аввал, албатта, ман бояд дар бораи он андеша ронам, ки чаро эшон, дастпарварони ман дар фаҳмидани калимаҳову матнҳо очизӣ мекашанд. Зеро онҳо метавонанд ва ҳаҚ доранд, ки маҳз ба ман рӯ ованду гӯянд:

—Эй устоди мӯҳтарам, мо дар назди ту даҳ сол забони модарии ҳудро омӯхтем. Чӣ гуна бошад, ки имрӯз «Овози тоҷик»-ро мехонему намефаҳмем? Оё ту наметавонистӣ, ки давоми солҳо ба мо ҳамин якчанд калимаро ба таври бояду шояд омӯзонӣ? Раҳмат ба ту , ки мегуфтӣ: бачаҳо, калимаҳои офтобу шамсу хуршед ҳама як маъноро медиҳанд. Оё ту наметавонистӣ, ки давом диҳиву гӯӣ: «шахсҳоро» «ашхос» гуфтан ҳам зебост ва «савол»-ро бо «суол» ивоз намудан равост. Гоҳо «қоидаҳо»-ро «қавоид» гуфтан давост ва «масъалаҳо»-ро «масоил» гуфтан айни муддаост. Ва ҳамин тавр пай дар пай, рӯз ба рӯзу моҳ ба моҳ давом диҳиву давом диҳӣ. Аммо, ба ҷои ин кор, ту ҷагаратро хун карда ба мо се-чор сол ёд медодӣ: **ман омадам, ту омадӣ, вай омад**. Мо бошад, ҳанӯз дар хона, дар бағали модар, ранги мактабро надида инро медонистем ва ҳеҷ гоҳ намегуфтем: **ман омадӣ, ту омад, вай омадам**. Ту дар тахтаи синф менавиштӣ: Модарам нони гарм пухт. Модарам аз беҳӣ мураббои беҳигӣ пухт. Мо бошад аз ин пештар медонистем, ки модарам ҳеҷ гоҳ нони хунук намепазад ва албатта, аз беҳӣ мураббои зардолугӣ низ намепазад. Чунин тарзи забономӯзонии ту барои мо дилгирҚунанда буд. Аммо барои он, ки аз мо, шогирдонат наранҷиву моро танбал наномӣ «Он ҳиссаи нутҚ, ки...»-ҳоро тӯтивор азёд мекардем. Ва забономӯзии мо ба ҳамин минвол давом мекарду идома дошт. Ту ҚаноатманД будиву мо аз ту хурсанд. Ва имрӯз.. Барои он, ки ҳадафи шогирдонат нагардӣ, норозигиҳои моро ба сӯи «Овози тоҷик» равона месозӣ! Ва бояд сухан кӯтоҳ кунам. Аммо, месазад бо ду мисраъ аз шоира Меҳринисо, ки гуфтааст:

Бо забони модари тоҷик дар дунёи мо
Дижхароботи сухан обод кардан месазад.

Ҷаббор ҶАББОР,
омӯзгори мактаби
рақами 21-и ноҳияи Нурато.

Дониши пухта-қудрати оянда

Ба ташкил гардидани Омӯзишгоҳи олии ҳарбии муҳандисии фармондиҳии автомобилии Самарқанд 33 сол пур гардид. Сараввал дар ин ҷо танкчиён тайёр гардида бошанд, аз соли 1976 боз муҳандисони соҳаи автомобил ҳамчун мутахассисон ба камол мерасанд. Соли 1993 бошад, самти омӯзиш тағйир дода, аз рӯи 9 тахассус кадрҳо тайёр мегарданд.

Дар омӯзишгоҳи мазкур дарсу машғулиятҳои амалӣ шавқовар гузаронда мешаванд. Синфхонаҳо ба асбобу ускунаи замонавии таълимӣ таъмин гардидааанд. Варзишгоҳ, Қасри санъат, китобхонаи дорои 152 ҳазор нусха китоб дар ихтиёри курсантҳо. Онҳо баробари таълиму машғулиятҳои намунавӣ бомароқ истироҳат мекунанд.

Курсантҳо Ҳамид Мингқулов, Фарҳод Шарифов, лейтенанти калон Мансур Мамадалиев, капитанҳо Акрам Рустамов ва Улян Тимофеев фахру ғурури ин даргоҳи таълим ба ҳисоб мераванд.

Дар сурат: китобдори китобхонаи омӯзишгоҳ **Моҳира Тоҳирова**.

Матн ва сурати Тоҳир НОРҚУЛОВ (ҲзА).

НАВИГАРИҲОИ ВИЛОЯТИ НАМАНГОН

Коллеҷ

КОСОНСОЙ. Дар арафаи соли нав дар деҳаи Қӯқимбойи ноҳия коллеҷи касбу ҳунарии ҳоҷагии қишлоқ ба фаъолият оғоз намуд. Коллеҷ дар асоси литсейи касбу ҳунарӣ бунёд гардид. Дар муддати кӯтоҳ ду бинои иловагии таълимӣ, толори мӯҳташами варзиш аз нав бунёд гардид. Бинои собиқи таълимии литсей, хобгоҳ барои 200 талаба аз нав сохта шуд.

Афзоиши иқтидор

НАМАНГОН. Ба оғози фаъолияти корхонаи муштараки Ӯзбекистон—Ҷопон «Силк Роад» («Роҳи абрешим») вақти зиёде нашудааст. Корхонаи нав, ки аслан бо техникаи пешқадами Ҷопон таҷҳизонида шудааст, дар асоси технологияи бепартов кор мебарад.

Дар коргоҳи муштарак аз пилла нахи хушсифати абрешим истеҳсол мекунанд, ки дар истеҳсоли газворҳои шоҳиву беқасам ашёи хоми пуррарзиш ҳисоб меёбад.

Соли 2002 беш аз 125 тонна ашёи хоми пурқимати саноатӣ ба мизоҷони хориҷӣ фурӯхта шуд. Ҳаҷми умумии содирот 2 миллиону 566 ҳазор доллари ИМА-ро ташкил намуд. Дар натиҷа ҳаҷми миёнаи маҳонаи коргарон моҳе 40 ҳазор сӯмро ташкил мекунад ва пайваста меафзояд,— гуфт сариқтисодчии корхонаи муштарак Ҳамрохон Кӯчқорова.

А.НУРИДДИНОВ.

Турфа олам

Ҳайвонҳо ҳам мегиристаанд

Гиря танҳо барои инсон хос набудааст. Мавридаш ояд ҳайвонот низ ғаму ғуссаи худро дар намуди ашк аз дил берун мекардааанд. Инро қабл аз ҳама ҳунарварони сирки ба номи Дурови шаҳри Воронеж ба мушоҳида гирифтааанд.

Барои шоуи «Манзараи фусункори об» паланги баҳриеро ба номи Сандра оварда буданд. Паланг ғайричашмдошт мурд. Байторон хулоса карданд, ки паланг ба асари заҳролудшавӣ ҳалок шудааст. Иштирокдори дуюми шоу «дугона» - и Сандра — Жанна аз ин ҳолат сахт ба риққат омада, ҳатто ба саҳна набаромад. Лутфу меҳрубониҳои соҳиб барояш хуш набуд, рафта - рафта аз фаъолият батамом рӯ тофт. Пайваста аз дидаго-наш ашк мешориданд. Ва ҳолати мазкур як моҳи расо давом карду он низ аз ин дунё бирафт.

Қозиии бангиву ришватхӯрӣ

Яке аз қозиёни мисрӣ ғайричашмдошт ба ҷавобгарӣ кашида шуда, ба мӯҳлати се сол ҳабс гардид. Эдмонд Хефтои ба ҳар ҳол агар ҳушёриро аз даст намедод ва вақтҳои холӣ бо нашъаҷаллобӣ машғул намегардид, шояд ба сараш ин қабил ташвишҳо намеафтод.

Аз хонаи қозӣ 70 грамм «дору» ёфтанд. Ачибаш дар он, ки вақти хонаи посбони адолатро ба гуноҳи ришватхӯрӣ кофтуков кардан «дору» ба даст афтод.

Агар ришватхӯрии қозӣ ба тасбит расад. Ҳефтоии маҳбус, ки 15 ҳазор доллар ҷарима низ пардохта буд, боз ба муддати ҳафт соли дигар аз озодӣ маҳрум карда ҳоҳад шуд.

Мувофиқи рафтор

Суди Монако банкири британиро аз озодӣ ба мӯҳлати 5 сол барои азҳуд намудани 20 миллион доллари мизоҷон, аз он ҷумла маблағҳои Михаил Шумаххери машҳур маҳрум кард.

Чуноне ки хабар дода шудааст, Стивен Троти 42 - сола эътироф намудааст, миллионҳо доллару евроро аз ҳисобсурати мизоҷони худ номаълумак азҳуд кардааст. Вай дар бонки хусусии соҳиби Баҳри Минённазамин вазифаи сарварро адо мекарду ба хонаҳои махсус ва қатъияти риоя ба қонунҳо машҳур буд. Аз ҳамин сабаб бисёр одамони машҳур маблағи худро маҳз ба бонки мазкур мегузаронданд.

Банкир то аён гардидани хиёнат ба амонатгузорон ба даст афтод. Зеро то ҳол ягон мизоҷ аз хусуси номаълум ғайб задани маблағҳои хеш ба ҷое шикоят накарда буд. Танҳо ревизияи дохилаи бонк ошкор сохт, ки сарварашон дар бадали соли 2001 маблағи мизоҷони худро 150 маротиба дуздидааст.

Рақами аз ҳама беҳтарин

Сокини 54 - солаи Кентуккӣ дар озмуни беҳтарин рақами мошин бурд намуд. Ва он Ларри Ванхузер буд, ки се маротиба ҳидиво карда, ба озмун рақами аҷиб пешкаш кард. Маънии он собиқ ҳиладор аст. Ба гуфти қолиб барои тайёр кардани ин рақам ҳамагӣ 25 доллар, барои аз ҳамсаронаш чудо шуданда бошад, 100 ҳазор доллар харҷ карда будааст. Ғолиб як қисми маблағро байни писаронаш тақсим карда, як қисми ночизашро ба мақсади хайрот харҷ карданист. Ҷойҳои дуюм ва сеюмро ҳам шахсоне ишғол намуданд, ки яке дузд дигаре фаррош буд.

Чароғи шоколодӣ

Қаннодони ҳиндустонӣ аз Калкутта қарор доданд, ки хотири ҳамшаҳриёни худро дар иди дарпешистодаи Дивалӣ шод гардонанд. Онҳо шоколади ширини аз ҳама калонро дар саросари дунё омода карданд. Чуноне ки матбуоти маҳаллӣ хабар додааст, барои тайёр кардани чароғ, ки рамзи асосии иди мардумӣ ба ҳисоб меравад, 4 килограмм шоколад ва 15 килограмм шакар лозим шудааст.

Ҳаҷми дурдонаи қаннодӣ, ки барои офаридани он се рӯз 6 қаннод кор карданд, ба дарозӣ як метр ва бар 75 сантиметр буд.

Дивали ҳам дар қатори панҷ иди мардумии Ҳиндустон барои халқ хеле азиз аст. Он ҳамчун иди рӯшанӣ, яъне Оташ қайд гардида, роҳи торикро равшан месозад. Ва он маъниии ғалабаи ҳақиқатро аз болои ноадолатӣ, некиро аз болои бадӣ дорад. Ин идро дар 5000 - 7000 соли охир дар Ҳиндустон васеъ қайд мекунанд. Ва иди мазкурро ҳиндуён дар саросари дунё ҳамчун рамзи ҳаёт васеъ таҷлил менамоянд.

Ҷиноятқори омаднок

Ҷиноятқори 19-сола аз графии Норфолк дар бозии лотерея 10 миллион фунт, қариб 14 миллион доллари ИМА-ро бурд намуд. Номи насаби вай Майкл Каролл буда, сокини шаҳри Кингс Линн ҳамчун ҷиноятқори ашаддӣ ном бурда мешавад. Ва ӯ се бор дар маҳбас хоб кардаасту алҳол полис ҳар як рафтори ӯро бо диққат таҳти назорати худ қарор додааст. Чунки ба одам шудани ӯ бо назари шубҳа назар меафкананд.

Чуноне ки хабар дода мешавад, Майкл бори аввал дар ҳаёти хеш ду лотерея харид намуд. Ва ин корро ӯ баъди аз маҳбасхона баромадан, яъне баъди ду моҳи дар маҳбасхона нишастан барои дуздидани автомобил кард. Чунки дар маҳбас ҳоҷати нобаҳагоми полисро бароварда, бо маблағи ночизе тақдир гардид.

«ВаҚте ки бобову момоям аз кӯча баргаштанд, хоҳиш намудам, ки рақамҳои лотереяро тафтиш кунанд»- мегӯяд вай. Момоям онро ҳазли навбатии ман шумурд. ВаҚте ки суханони бурдро шунидам, ба гӯшҳоям бовар накардам. Аз шодӣ ҳатто гиря ҳам кардам».

Вале барои шустани ин бурд ба ӯ рухсат намедиҳанд. Чунки вай муваққатан дар ҳабси хона нигоҳ дошта мешавад.Барои шустани бурд ба вай як шиша машрубот ва спагеттӣ оварда доданд.

Нусхабардории инсон

Маълум аст,ки олими швед, доктор Ян Билмут «Доллӣ» ном гӯсфандро бо нусхааш офарида, ба қаҳру ғазаби диндорон гирифтор гашта буд. Акнун бошад, хабари шаҳрошӯб дар хусуси аз тарафи олими итолиёвӣ, доктор Оверинс Антинори офаридани нусхаҳои инсон аҳолии оламро ба ҳайрат гузошт. Ва ӯ ин таҷрибаро дар конфронси байналхалқии Вашингтон расман эълон намуд.

Олими итолиёвӣ тадқиқотҳои ҳудро якҷоя бо соҳиби клиникаи бепуштҳои иолоти Кентуккии ИМА гузаронд ва ҳангоми рӯ ба рӯ гардидан бо паёмнигорон гуфт, ки акнун инсоният аз безурётӣ батамом халос мешавад ва садаи нав дар бобати офаридани инсон ва нусхаҳои яккелаи он оғоз ёфтааст.

Ба ин тадқиқот папаи Рим муносибати ҳудро баён карда, олимро одами ваҳшӣ номид.

— Тадқиқоти олими итолиёвӣ маънои таҷовуз ба табиатро дорад,— гуфтааст папаи Рим. Олимони номдори соҳаи ислом, ин рафторро ғайриқонунӣ пиндошта, талаб карданд, ки филфавр таҷрибаҳо боздошта, олим ба ҷавобгарӣ кашида шавад. Охир, ин ҷараён боиси бесарусомонӣ мегардад. Писару духтарони ба дунё омада кӣ будани падару модари ҳудро намедоананд ва оқибат насли инсон вайрон гашта, онҳо ба роботҳо мубаддал ёфта, дастархони гурӯҳи муайян мегардад.

Азбаски таҷрибаҳо то ба охир нарасидаанду натиҷаҳои садфоиза ба даст наомадааанд, олимон барои ҳулоса кардан саросемагӣ зоҳир намекунанд. Вале дар оянда нусхабардорӣ кардани мавҷудоти зинда ба як ҳолати воқеӣ мубаддал шуданашро бе ягон тарсу бим изҳор мекунанд.

Ҳамкорӣ омили комёбиҳост

Бо шарофати соҳибистиқлол гардидани мамлакатамон дар ҳамаи соҳаҳо ислоҳотҳо ба амал меоянд.

Масъалаи варзиш бошад, имрӯз ба дараҷаи сиёсати давлатӣ бадҳошта шуд. Мақсади камолоти ҷисмонию маънавии авлоди наврас, ки оянди мамлакатамон мебошанд, ҳамеша дар маркази диққати роҳбари давлатамон аст.

Фармони Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон аз 24 октябри соли 2002 «Дар бораи созмон додани Бунёди рушди варзиши бачагонаи Ӯзбекистон» ва қарори Девони Вазирони Ҷумҳурияти Ӯзбекистон аз 31 октябри соли 2002 «Дар бораи ташкил кардани фаъолияти Бунёди рушди варзиши бачагонаи Ӯзбекистон» аз ғамхории навбатии Раиси ҷумҳуриятамон нисбати авлоди наврас шаҳодат медиҳад. Ба зиммаи Президенти мамлакат гузошта шудани раиси Кенгаши васоятгарони Бунёд бошад, то чӣ андоза муҳим ва аҳамиятнок будани моҳияти масъаларо мефаҳмонад.

Дар натиҷаи эътибори пай дар пай ва ғамхориҳои ҳукумати ҷумҳурият дар вилояти Бухоро низ дар соҳаи варзиш дигаргуниҳои эҷоби ба назар мерасанд. Солҳои истиқлол ин ҷо як қатор варзишгоҳҳо, иншооту майдонҳои варзиш ба вуҷуд омаданд. Ҳоло дар тамоми ноҳияҳои вилоят мактабҳои варзиши бачагон ва наврасон фаъолият нишон медиҳанд. Бояд таъкид намуд, ки солҳои истиқлол аз Бухоро 28 нафар қаҳрамонҳои мусобиқаҳои ҷаҳон, Осиё ва ҷоизадорони байналхалқӣ ба воя расидааанд. Агар дар вилоят соли 1991-ум 18-то варзишгоҳ бошад, имрӯз шумораи онҳо ба 22-то, майдонҳои футбол аз 168-то ба 219-то афзуд. Ҳоло гӯштин—«ғӯраш»-и қадимии бухороиён чун кураши ӯзбек сайри олам мекунад. Аввалин қаҳрамонони мусобиқаи ҷаҳонӣ оиди кураш Акобир Қурбонов, Камол Муродов фарзандони Бухоро мебошанд. Инчунин бухороиён бо номҳои қаҳрамони мусобиқаҳои ҷаҳон ва Аврупо оиди самбо Собир Қурбонов, ду бор ғолиби мусобиқаи ҷаҳон ва соҳиби ҷоми ҷаҳон Шӯхрат Хӯҷаев, қаҳрамонии мусобиқаҳои ҷаҳонӣ Ботир Хӯҷаев, Шӯхрат Очилов, Ботир Турдиев, Шӯхрат Саъдиев (юнону рум), муштзан Наримон Отаев ва ғайра фахр менамоянд.

Номи нӯҳ бор қаҳрамони ҷумҳурият оиди чавгон (хоккеи рӯи алаф) байни бонувон, ҷоизадори мусобиқаи байналхалқӣ тими «Ситора» имрӯз на фақат дар Ӯзбекистон, балки берун аз ҳудуди он низ машҳур аст. Зеро он асоси тими яккачини Ӯзбекистонро ташкил мекунад.

Бо ташаббуси Президентамон И.Каримов дар шаҳри Бухоро варзишгоҳи ягонаи замонавӣ дар Осиёи Миёна—маҷмӯи спортии «Бухоро» (дорои таблои электронӣ, фарши давишгоҳи сунъии «Политан») барои 22 ҳазор тамошобин сохта шуд.

Моҳи маи соли гузашта дар вилоят ба амал омадани мусобиқаҳои варзишии чавонони «Университсиада-2002» воқеаи таъриҳӣ гардид. Таъсис ёфтани маҷмӯъҳои варзишии «Ситора», «Нафис» ба ҳусни шаҳри Бухоро ҳусни нав зам кард. Дар Донишкадаи технологияи ҳӯрокворӣ ва саноати сабуки Бухоро шаҳрчаи нави варзиш сохта шуд. Варзишгоҳу хобгоҳҳои Донишкадаи тиббии Бухоро, Донишгоҳи давлатии Бухоро, маҷмӯъҳои варзишии «Семург», «Ёшлик», варзишгоҳи Қасри маданияти ба номи Ибни Сино, инчунин варзишгоҳҳои марказии тамоми ноҳияҳои вилоят аз нав таъмир гардида, барои бо варзиш беш аз пеш машғул шудани наврасон имкониятҳои бемисл фароҳам омад.

Имрӯз дар 552 муассисаи томактабии бачагон ва 537 мактаби маълумоти умумӣ 337190 нафар наврасон бо тарбияи ҷисмонӣ машғул мешаванд. 1136 нафар мураббиён ба чавонон асрори варзиш меомӯзонанд. Ҳамин гуна дар 28 мактабҳои варзиши бачагону наврасони шаҳру ноҳияҳо, дар 9 мактаби варзишии ихтисосонидашудаи захираҳои олимпӣ 21691 нафар шогирдон таҳти роҳбарии 646 нафар мураббӣ таҳсил мегиранд. Ғайр аз шаҳри Когон ва ноҳияи Қаровулбозор дар тамоми дигар ноҳияҳо интернатҳои варзишӣ фаъолият нишон дода, он ҷо қариб ҳазор нафар бачагон асрори варзиш меомӯзанд.

Дар соли 2002 варзишгаронаи вилоят дар 75 мусобиқаи ҷумҳурӣ, дар 34 машғулиятҳои таҷлимӣ, 21 қувваозмоии байналхалқӣ, 30 мусобиқаи вилоятӣ иштирок намуданд. Барои тимҳои яккачини ҷумҳурият 38 нафар, ба захираи онҳо 33 нафар номзадҳо тайёр карда шуд. 110 нафар варзишгарон талабҳои меъёри номзад ба устодии варзиш, 142 нафар талабҳои меъёри дараҷаи якумро иҷро карданд.

Дар мусобиқаҳои ҷумҳурӣ 72 нафар варзишгарони вилоят сазовори ҷои якум, 70 нафарашон соҳиби ҷои дуюм ва 73 нафарашон сазовори ҷои сеюм гардиданд. Соли гузашта дар вилояти Бухоро пай дар пай бори сеюм мусобиқаҳои байналхалқии теннис таҳти унвони «Челленҷер» бомуваффақият гузашт.

Инчунин дар вилоят мусобиқаҳои ҷумҳурии муайтай, таэквандо, баскетбол, гимнастикаи бадеӣ (таҳти шиори «Соғлом авлод учун»), марҳалаи финалии қувваозмоии ҷумҳурии бачагон «Футбол ғунчалари» ва мусобиқаҳои байни маҳаллаҳо таҳти шиори «Футболимиз келажаги» дилхоҳона ташкил гардид.

—Кумитаи варзиши вилоят дар асоси барномаи кор бо ноболиғон 52 нафар писару духтаронеро, ки чун тарбияашон вазнин аз тарафи шӯъбаҳои корҳои дохилӣ ба ҳисоб гирифта шудааст, ба мактабҳои варзишии ҳудудҳо вобаста намуд. Ҳоло бо онҳо мураббиёни малаканок кор мебаранд,—мегӯяд ҷонишини раиси кумитаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиши вилояти Бухоро Маҳмуд Тӯраев.

—Чӣ хеле ки таъкид ёфт, комёбиҳои соҳаи варзиш дар муддати кӯтоҳ таъриҳӣ хеле калон аст. Имрӯз дил вилояти Бухоро аз бачагони синни томактабӣ 72295 нафар дар муассисаҳои томактабӣ, 82979 нафар дар оила тарбия мегиранд. Аз наврасони 7-16 сола 324404 нафарашон дар мактабҳо, 45177 нафарашон дар литсею коллеҷҳо сабақ меомӯзанд. Вале 52553 нафари эшон дар сексияҳои варзиш, 18030 нафарашон дар мактабҳои варзиш шуғл меварзанд. Барои табъи дил ташкил намудани варзиш дар вилоят 457 иншооти варзиширо аз нав таъмир кардан ва 570 иншооти варзишии нав сохтан лозим аст,—мегӯяд раиси кумитаи тарбияи ҷисмонӣ ва спорти вилоят Раҳим Ҳусенович Ҳайдарзода.

Дар натичаи фароҳам оварда шудани шароити мусоиди варзишӣ ҳусусан дар маҳаллаю деҳот, муассисаҳои мактабию томактабӣ муваффақиятҳои ин соҳа табиист, ки дучанду сечанд зиёд мегардад.Зеро дар деҳот наврасони боистеъдоди ташнаи варзиш сершуморанд.

Як мисол. Азбаски бештар бо мактабҳои тоҷикии вилоят сарукор дорам, ду соли охир гуворҳои комёбии варзишии онҳо гардидам. Агар ду сол муқаддам талабагони тими мактаби рақами 8-уми деҳаи Шавгони ноҳияи Пешқӯ дар мусобиқаи волейболбозони вилоят ҷои якумро гирифта, дар қувваозмоии ҷумҳурӣ «Умид ниҳоллари» иштирок карда бошанд, ҳамдеҳагони ҳудам—толибагони мактаби миёнаи ба номи А.Фирдавсии рақами 7-и деҳаи Кӯрғони Вардонзеи ноҳияи Шофиркон соли гузашта дар мусобиқаи ганҷболбозони (тӯби дастӣ) вилоят сазовори ҷои якум, дар қувваозмоии ҷумҳурӣ (дар вилояти Фарғона) сазовори ҷои чорум гардиданд.

Таъсис ёфтани Бунёди рушди варзиши бачагон бошад, баҳри ба рӯи об баромадани орзую умед, истеъдоди садҳо ҳазор наврасон, ҳам аз чиҳати ҷисмонӣ ва ҳам аз чиҳати маънавӣ камолёбии онҳо хизмат мекунад.

Амрулло АВЕЗОВ,
мухбири «Овози тоҷик»
дар вилояти Бухоро.

Овози тоҷик

МУАССИСЛАР:
Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси ва Ӯзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
Тожик тилида нашр этилади.

Сармуҳаррир Эсон Турди